Одамони аз купруки ларзонак гузашта дар муқоиса ба одамони аз купруки мустаҳакам гузашта, дар фосилаи чанд дақиқаи озмоиш дигаргун шудану тағйироти мақсаду арзишҳои худро нишон доданд. Муҳаққиқ андеша дорад, ки авзои психологӣ, эҳсосу ҳолати рӯҳонияти одамон инъикоси воқеияти зиндагиашон буда, фаъолияти онҳо натиҷаи робитаҳои ҷамъиятӣ ва талаботу мотивхои ҳаётиашон аст. Дар заминаи мушоҳидаҳои Дэвид Макклелланд метавон ба хулосае омад, ки танҳо дар ҷамъият, дар доираи фаъолиятҳои умумиҷамъиятӣ инсон созандаи воқеии шахсияти хеш гашта, берун аз ҷамъият ва то ҷамъият ӯ ҳатто инстинктҳои биологиашро ҳам ривоҷ дода наметавонад. Дэвид Макклелланд ба таври рамзӣ ин процессро чунин тасвир мекунад: «Моҳичаи тиллоии бо ҳамроҳии тӯдаи моҳиёни дигар шинокунанда, дар муқоиса ба моҳичаи тилоии танҳо шинокунанда, тезтар таълим хоҳад гирифт».

Ин психологи америкоӣ мотивҳои самтбахшандаи фаъолияти одамонро таҳлил карда, зикр мекунад, ки мотивҳои манфиати иқтисодӣ на ҳамавақт раҳнамокунандаи амалҳои инсонҳо буда, баъзан мотивҳои тобиши маънавию мазҳабӣ ё идеологӣ дошта низ аз афзалияти хеш гувоҳӣ медиҳанд. Танҳо як мотив ва ё як талабот ҳаргиз бунёди тағйиротҳои ҳаётӣ нахоҳанд шуд. Аввал ҳамон талаботу мотивҳое, ки қонеияташон аксултаъсири бадро надоранд, қонеъ мешаванд ва сипас талаботҳои дигар, низ соати татбиқи худро интизор мешаванд. Одамон низ агар дар ҷавонӣ талаботҳои биологиашонро бар асари ҷӯш задани энергияи ботинии табииашон ҳарчӣ бештару тезтар қонеъ карданӣ шаванд, бар асари таҷрибаи ҳаётӣ вақти ба синни комилият расиданашон талаботҳои биологиашонро тобеи муқарраротҳои иҷтимоию фарҳангиашон месозанд. «Баъзе аз мотивҳо бо сабаби гуногуне метавонанд нисбат ба мотивҳои дигар нерӯмандтар бошанд, аммо мо далелро дар хусуси он ки мотивҳои ба талаботҳои ҳаётсозандаи биологӣ бунёдёфта, нисбати дигар мотивҳо дар инсони болиғшуда бартарӣ ёфта бошад, надорем».

Ташаккули инсонҳо дар ҷодаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодиашон сурат гирифта, таҷрибаи ҳаётии онҳо, арзишҳои эътирофнамуда ва эътиқоду таъиноти зиндагиашон мазмуну мундариҷаи худро бевосита аз маҷрои ҳамеша дар ҳаракат будаи пешрафти ҷамъиятӣ соҳиб мешаванд. Ин мавқеи методологӣ ва принсипи тадқиқотиро на ҳамаи психологҳои америкоӣ эътироф кунанд ҳам, байни социологҳои америкоӣ муҳаққиқоне ҳастанд, ки бо

итминони устуворона назарияи воқеии фаъолиятӣ ва иҷтимоию иқтисодии сифату қобилиятҳои инсониро пеш мегузоранд. Рональд Инглхарт – корманди Институти таҳқиқотҳои иҷтимоии назди Университети штати Мичиган (ИМА) ба ҳамин маъно андеша иброз медорад: «Тағйирот дар муҳити иҷтимоию иқтисодӣ, ба таҷрибаи ҳаётии фардҳо таъсир расонида, бо ҳамин аз нав таҳия шудани ақида, мавқеъ ва арзишҳоро дар сатҳи инфародӣ мусоидат менамоянд».

*Мушоҳида мекунем, ки иддае аз муҳаққиқони америкоӣ низ дар роҳи эҷод шудани шахсият ва қобилияту сифатҳои ӯ фаҳмиши талаботию фаъолиятӣ ва иҷтимоию фарҳангиро пеш гузошта, инсонро мавҷуде меҳисобанд, ки шахсияти хешро дар муҳити ҳаётӣ ва фарҳанги муқарраршуда эҷод месозад.*

## СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЙ ФАКТОР СТАНОВЛЕНИЯ ЛИЧНОСТИ В ТВОРЧЕСТВЕ АМЕРИКАНСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ ДЖЕРОМА БРУНЕРА, МАРГАРЕТ МИД, ДЭВИДА МАККЛЕЛЛАНДА

***Ключевые слова:*** человек, хромосомы, способности, потребность, мотивация, общественная деятельность, личность, культура, общества, генотипическая теория.

Творчество американских мыслителей М. Мид, Дж. Брунера, Д. Макклелланда посвящается проблеме становления личности человека и по сути являются уникальным в истории американской философии и психологии. Именно они из числа неограниченных американских исследователей природы человека, критикуя генотипо-физиологическую идею проявления способностей человека, представляют социально-культурную концепцию становления и развития человека в американском человекознании.

## SOCIO – CULTURAL FACTOR OF FORMING PERSONALITY IN THE CREATION OF AMERICAN THINKERS OF JEROME BRUNER, MARGARET MEED, DAVID MECLAHLAND

***Keywords****:* genius, ability, people, work, intuition, psychic ability, "general equality."

Creations of American thinkers of M. Meed, J. Brooner, D. Mcclalland devoted to the problem of farming of personality of a man and on the assence is outstanding in the history of American philosophy and psychology Namely they are from unlimited American researches of the nature of a man, criticizing-genotypical idea of showing of man’s ability, represent social, cultural concept of farming and development of a man in American man knowing.

# ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ КОРРУПЦИИ: ЭТИКО-ПРАВОВОЙ ВЗГЛЯД





**Асламов Б.С.***
**Умаров Х.А.****

Историко-правовые, политические и синологические исследование неопровержимо доказывают, что коррупция зарождается и существует в обществе с момента возникновения государство как политической организации. По справедливому мнению Г.А. Сатаровой, коррупция такое же древнее явления, как и социальной порядок, управлявший жизнью людей, каков бы не был этот социальной порядок; и что так же давно люди пытаются найти причины коррупции и способы её ограничения. Он отмечает «Фактически правую антикоррупционную заводить дал сам Господь через Моисея, который записал то, что услышал с неба»:

«Даров не принимай, ибо дары слепыми делают зрячих и превращают дело правых (Исх.23:8)»[1].

Коррупция – как социальное явление не ставил равнодушным многих мудрецов и политиков, которые не смогли адаптироваться в коррупционную среду, дабы не порочь себя оставили коммерческую, даже государственную службу в разные исторические эпохи. Так именно поступил основоположник ханафитской правовой школы в исламе Имам Аъзам Абу-Ханифа, Джалоллидин Давони – средневековый таджикский философ, Ахмади Дониш сталь просветителем своего веки, критикуя невежество Бухарского Эмирата. В частности уходя из политической государственной службы, с период 1435 по 1467 года при правление Джахоншахе Кара-Клюнул оставляя государственный пост, должность сарды полностью занимается научно-педагогической деятельностью.

Согласно уголовному законодательству всякие коррупционные преступление строго караются законом, тем самым устанавливая справедливость в обществе. Статья 8 Уголовного кодекса Республика Таджикистан гласить:

1) Наказание и иные меры уголовно-правовой характера, подлежавшие применение к лицу, совершившему преступление, должны быт справедливыми, то есть соответствовать и характеру степени общественной опасности преступления, обстоятельством его совершения и личность виновного.

2) Никто не может нести уголовную ответственность дважды за одно и тоже преступление»[2].

---

*Асламов Б.С. – заместитель начальника факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции.
**Умаров Х.А. – начальник факультета №3 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции.

[1]Антикоррупционная политика. Учебное пособие / Под ред. Г.А. Сатарова. М., 2004. С. 5.

[2] Уголовный кодекс Республики Таджикистан. Душанбе, 2011. С. 194.

Не всегда коррупционное поведение совмещается с государственной службы, но однако бывают случи злоупотребление должностными полемология имеющих коррупционную сущность. Всегда государственные служащий должен быть честным, справедливость и оказывать противодействие коррупция. «Справедливость-это не то, чтобы избегать людей и этим не совершать насилие по отношению к ним, а наоборот, во взаимоотношение с людьми быт счастливым и честным»[1].

«Ещё в XI-XII вв. таджикской персидский философ, поэт гуманист и мыслитель Шейх Муслихиддин Шерози в своих нравственно-поучительных произведениях «Бустон» и «Гулистон» писал что виновники не должны, злоупотреблять своим положением ,занимается казнокрадством, которые привести не и только к гибели общество и государство, но и целогонарода. Читая его строки и анализируя историю таджикского государство более чем тысячу лет, автор допускает мысль, что сегодняшние коррупционны, это те же тираны в новом обличии, которые в свое время расхищали казну государства»[2].

Коррупционное поведения было связано с такими отношением к труду как карьеризм, корыстолюбие, тщеславие. Такие аморальные поступки окропили позиции коррупции в обществе.

Результат дательного анализа законодательство по борьбе с коррупцией Республики Таджикистан и отельных стран СНГ, а так же исследование специальной литературы в этой области, позволяют подразделить понятие коррупцию на следующие виды:

а) коррупционное этическое отклонение (аморальное поведение)

б) коррупционное правонарушение, которые в свою очередь подразделяются на коррупционные гражданско-правовые деликты, административные, дисциплинарные проступки и коррупционное преступления[3].

В данной научной статье авторы большое внимание будут уделять именно этико-правовому аспекту противодействие коррупции.

Коррупционное этическое отклонения (аморальное поведения) – менее общественное опасные дленные, но зачастую отделяемое от проступков, правонарушений или преступлений тонкой гранью (например, участие в мероприятиях, оплачиваемых подконтрольными лицами или организациями, принятие на работу, продвижения по службе родственников или знакомых высока поставленных служащих без учета их деловых качеств и профессионализма и т.п.

Однако, как совершенно верно указывает С.В. Максимов часть коррупционных проявлений, не воспринимающихся национальным общественным сознанием как неэтичное поведение[4].

По нашему мнению, в Республике Таджикистан к этическим отклонениям в поведения государственных служащих следует отнести:

- оказываемые предпочтение, каким либо группам и организациям быть независимым от влияния со стороны граждан и организаций;

- действия, связано с влиянием каких либо личных имущественных и иных интересов, препятствующих добросовестному исполнению служебных обязанностей;

- несоблюдения установленных законом ограничений для государственных служащих;

- не соблюдения политической нейтральности

- несоблюдения норм служебной, профессиональной этики и правила делового поведения;

1 Мирбобоев М.К. Этика Джалолиддина Девони. Душанбе, 1992. С. 50.

2 Умаров А.Х. Уголовно-правовое противодействие коррупция в Республике Таджикистана. Душанбе, 2012. С.7.

3 См. подробно: Умаров Х.А. Антикоррупционная политика Республики Таджикистан: криминологический аспект. Душанбе, 2012.

4См. подробно: Максимов С.В. Коррупционная преступность в России: правовая оценка, источники развития, меры борьбы / Уголовное право. М., 1999. № 2. С. 10.

- использование служебного положения для оказания влияние на деятельность государственных органов, организации, должностных лиц, государственных служащих и граждан при решении личных вопросов.

Здесь следовала бы отметить, что этические нормы государственной или частной службы, принятые в Республики Таджикистан, могут не совпадать с преставления о морали в гражданском обществе этих стран. Нравственным критериям противодействия коррупции в Республики Таджикистан является именно этическая сторона. В научной литературе стремление человека к получению блага, не отрицается, но оно должно достигать законным путем, справедливо своим трудом.

По этому поводу в свое время Аристотель писал: «Несправедливым называют как нарушившего закон, так и берущего лишнее с других, и человека, не равно относящего к другим людям. Ясно, что и справедливым называют что человека, поступающего по законам, то равно относящегося ко всем людям. И так, понятие справедливости означает в одно и тоже время как законное, так и равномерное, а несправедливость - противозаконные и неравное отношения к людям. Но так как несправедлив также человек, то следовательно, несправедливость иметь отношения к благам – не ко всем благам, а лишь к тем, которые создают (внешние) несчастье в которые, говоря безусловно, всегда блага, но не суть таковые для каждого отдельного лица»[1] решающим стержнем проведения антикоррупционной политики является долгом каждого гражданина. К сожалению, учитывая исторические корни данного коррупцию как древнее и социальное явление в менталитете каждого народа, данный вопрос остаётся проблематичным. Касаясь вопросу долга, надо охарактеризовать отдельные детали данной этической категории, указать ее роль и место в противодействие коррупции.

«Долг один из основных категории этики; общественная необходимость, выраженная в нравственных требованиях в такой форме, в какой они выступают перед определенной личностью. Иными словами, это превращение требование нравственности, в равной мере относящееся ко всем людям, в личную задачу данного конкретного лица, сформулированную применительно и его положению и ситуации, в который они находятся в данный момент»[2]. Призывы к исполнению долга о противодействии коррупции излагают не только в светском, законодательстве но и в священных писаниях.

«Коран, не так прямо осуждает коррупцию, как это делает Библия, отминающая в частности, что» Угощение и подарки оседлают глаза мудрых и, как бы узда в устах, отвращают обличение.

В Коране же говорится «Скажите о боже! Повелитель всех миров!

Ты изымаешь власть или ее даруешь тому, кого угодно своей сочтёшь, чтишь праведных и милостью своей обходишь тех, кто не достоин твоей чести… Вы повинуетесь Богу и Его пророку, так же тем из вас, кто властью наделён»[3], т.е. сама норма Корана вполне могла толковаться в свою пользу представителями духовенства, соответственно, история свидетельствует о том, что виновники того времени (эмиры, кази, муллы, и др.) злоупотребляли своим положением в обществе. Правосознание народных масс также могла изображаться мусульманским духовенством которое оправдывало свои корыстные и неизменные попущения вышеназванными предписаниями Корана и норм Шариата.

Представители государственной службы должны четко знать свой долг в противодействии коррупции в обществе. Успешное выполнение своих функции государственными служащими может быть достигнуто только, когда они глубоко и всесторонне осознавали социальную значимость своей профессиональной деятельности и обладали чувством высокого долга, и готовность во что бы то не стало до конца и с чувством высокой

[1] Иванов В.Г. История этики древнего мира. Л., 1980. С. 166.

[2] Словарь по этике / под ред. И.С. Кона. М., 1981. С.78-79.

[3] Сюкияйнен Л.Р. Мусульманское право. Вопросы теории и практики. М., 1986. С.186.

ответственности противостоять коррупционным проявлениям.

В Кодекс профессиональной этики сотрудников ОВД Республики Таджикистан» говорится, что «Сотрудники ОВД должны противодействовать коррупции, коррупционным правонарушениям и активно раскрывать и искоренять их»[1].

Противодействия коррупции не только задача правоохранительных органов, но и задача каждого отдельного гражданина Республика Таджикистан, то есть всенародная задача. И.И. Карпец в своей работе «Уголовное право и этика» пишет: «Очевидно, что борьба за интересы народа – это высоконравственная задача. И если эта борьба может привести к успеху с помощью хотя и были провозгласила формально, но стали материальной силой, то нужно вести эту борьбу, чтобы не потерять того, чего достигнуто в борьбе против абсолютного»[2].

Алчность, корысть, карьеризм, тщеславие, тунеядство, скупость, зависть, эгоизм и ряд других негативных моральных качеств естественно приводят к злоупотреблению должностных полномочий и проявления коррупции в обществе. Бороться, с такими негативными моральными качествами порой очень трудно.

Еще в своё время по этому поводу Т. Гоббс писал: «Человек-существо эгоистичное: его окружает соперники, враги; человек человеку волк; в обществе неизбежно война всех против всех - это естественные социальная природа человечества; но в природе не заложено и стремления к миру: выход – в абсолютной власти государства; тот, кому принадлежит власть, не связан ни какими законами; государство аналогично человеческому организму; гражданский мир-это его здоровье, апатите и гражданские войны - это болезнь»[3.]

Т. Гоббс в другом своем произведении отмечает, что «Одно и тоже противозаконное действие является большим социальным злом, если имеет место коррупция, то есть преступление из-за того, что человек, полагаясь на свою силу, богатство или друзей, надеется оказать сопротивление агентом закона»[4].

В противоречие с негативными моральными качествами именно человек-добродетель по определение Аристотеля может себе совершенствовать. Совершенный человек освобождается от негативных моральных качеств. «Человек, согласно Аристотелю, становится объектом этических (нравственных) добродетели в качестве общественного существа, представителя полиса; придавая совершенство своему характеру, он совершенствует дарящие в городе государство обычай, правил, принимает образцы поведения, отношения и т.д. Добродетели, собственно говоря, обозначает общественную меру поведения человека в наиболее важных сферах социальной жизни, мужество говорит о достойном поведении во время битвы, щедрость о том, как обращаться с деньгами, любезность – как вести себя во время дружеских застолий и других обычных контактов[5].

Другой важной этической категории по отношению к противодействии коррупции является категория совесть.

Совесть иногда называется другой стороной долга. Совесть – самооценка воющее чувство, переживание, один из древнейших интимно-личностных регуляторов поведения людей. В юридической этике даётся следующее определение: Совесть-категория этики, характеризующейся способность человека осуществить самоконтроль, внутреннюю самооценку с позиций соответствия своего поведения требованиям нравственности, самостоятельно формулировать для себя нравственные задачи и требовать от себя их выполнения.

---

1 Кодекс профессиональной этики сотрудников и военнослужащих ОВД Республики Таджикистан. Душанбе, 2011. С. 5.

2 Карпец И.И. Уголовное право и этика. М., 1985. С. 89.

3 Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государство деревянного и гражданским. 1936. С. 220.

4 Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государство деревянного и гражданским. 1936. С. 220.

5 Марксисткая этика. М., 1986. С. 15.

Аналогичное определение даётся в словаре по этике[1]. В другом словаре по этике категория совесть определяться следующее[2]: «(Совесть категория этики) во многих европейских языках слово» этимологический значит «Совестное знание», в русском оно происходит от слова бежать «знать». Совесть может «проявиться» не только в форме разумного осознания нравственного знания совершаемых действий, но и в форме эмоциональных переживаний, например в чувстве угрызения совести или положительных эмоциях «Спокойной совести».

Совесть в отношении противодействии коррупции занимает ключевую позицию. Само понятие добросовестный человек упредительно относится ко всякому проявлению коррупции. Согласно простой правиле совесть не позволяет врать и брать взятки. Главной этической категории в антикоррупционной политике Республики Таджикистан является именно категория совесть, которое призывает государственных служащих к выполнению служебного долга, именно человек наделенный совестью выполняет свой долг по противодействию коррупции.

Противодействие коррупции имеет не только этический, но и в основном правовой аспект.

## МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ: НАЗАРИ АХЛОҚӢ-ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** муқовимат, коррупсия, ахлоқ, хуқуқ, гуногунандешӣ.

Дар мақола тавсифи муқовимат бо коррупсия мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст аз нигоҳи назари ахлоқӣ-ҳуқуқӣ.

## ANTI-CORRUPTION: ETHICS AND LEGAL VIEWS

***Keywords:*** fight against corruption, ethics, law, pluralism.

The article examines the role of combating corruption from the perspective of ethical and legal principles.

[1] Словарь по этике / Под ред. И.С. Кона. М., 1981. С. 312-313.
[2] См. Словарь по этике / под ред. А.А Гусейнова, И.С. Кона. 6-е изд. М., 1989. С. 321-323.

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАСИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН: ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИМ ВА ПРОБЛЕМАҲО





**Асламов Б.С.[*]**
**Ҳомидов А.С.[**]**

Таълиму тарбия ва ба воя расондани насли ҷомеаи имрӯза масъулияти ҷиддиро аз аҳли ҷомеаи муосири Тоҷикистон талаб менамояд, зеро таълим ва тарбия насли наврас аз домани модар ибтидо гирифта, то ба мустақилият қадам гузоштан эҳтиёҷ дорад. Таълиму тарбия дар пешгирии даст задани ҷавонону наврасон ба содир намудани ҷинояту қонуншиканӣ нақши муҳим дошта, қарзи шаҳрвандии ҳар фарди ҷомеа маҳсуб меёбад. Соҳаи маорифу муассисаҳои таълимӣ бояд дар иҷрои ин амри муҳим нақши бештаре дошта бошанд, вале мутаассифона дар ин самт камбудиву норасоиҳо дар баъзе аз муассисаҳои таълимӣ ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин ду сол қабл баҳри дуруст ва сари вақт ба таълиму тарбия аҳамияти ҷиддӣ додани падару модарон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид, ки он қобили қабули ҷомеа гашта, баҳри пешгирӣ кардани ҳар як амалҳои номатлуб аз тарафи ноболиғон ва ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани падару модаронро нисбат ба бемасъулиятии таълиму тарбияи фарзанд равона гаштааст.

«Ҳукумати Тоҷикистон ӯҳдадориҳои хешро дар самти ҳифзи иҷтимоии ятимону бепарасторон ва маъюбону камбизоатон ҳамеша иҷро менамояд.

Агар дар соли 2006 кӯмакҳои гуногун аз буҷети давлатӣ ба ин қишри ҷомеа 85-миллион сомониро ташкил дода бошад, ин рақам дар соли ҷорӣ ба 170 миллион расидааст. Яъне дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда ду баробар зиёд гардидааст»[1].

Дар масъалаи дастгирии ятимону бепарасторон ва фарзандони оилаҳои камбизоат Ҳукумати Ҷумҳурият Тоҷикистон ғамхорӣ зоҳир намуда онҳоро ба таври ройгон ба муассисаҳои томактабӣ, мактаб-интернатҳо, хонаи кӯдакон фаро гирифтааст.

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

**«Таълим** – ин раванди фаъолияти муштараки падару модар, омӯзгор ва муассисаҳои таълимӣ баҳри инкишофи

---

[*]Асламов Б.С. – муовини сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

[**]Ҳомидов А.С. – муаллими калони кафедраи Фанҳои муҳандисию техникии факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013. Душанбе, 2013. С. 39-40.

шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак аст.

**Тарбия** – ин раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани фарзанд мебошад»[1].

Дар маҷмӯъ ҳам таълим ва ҳам тарбия аз тарафи падару модар дар як марҳилаи асосие, ки кӯдак ҳиссиёт ба олами ҳастӣ пайдо мекунад сурат мегирад. Таълиму тарбия аз муҳити хонаводагӣ вобастагӣ дорад, зеро муҳити хонавода дар кадом сатҳ зиндагии худро пеш мебаранд ва дар он оила эҳтироми якдигар, якдигарфаҳмӣ ба назар расида, насли наврас бар пояи он амал мекунад. Вобаста ба ин падару модаронро дониши кофӣ зарур аст, зеро ки на ҳамаи онҳо аз оддитарин намуди тарбия бархурдоранд. Хуб мешуд, ки дар ҷомеаи мо фаъолияти созмонҳои мактабӣ ва ҷамъиятӣ тақвият дода мешуд, ки фаъолияти онҳо вобаста ба давраҳои мураккаби таълиму тарбияи фарзанд равона мегардиданд. Ин имкон медиҳад, ки ҳар як падару модар ба ин созмонҳо робитаи зич пайдо намуда, аз онҷо ба таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимӣ шинос шуда, истеъдод ва малакаи касбии худро вобаста ба тарбия намудани фарзандон дар муҳити оила ҷорӣ намояд. Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад. Ва ҳар як насли ҷомеа ҳуқуқ дорад, ки дар фазои оила тарбия гирифта, дар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои миёнаю олӣ дохил шуда, илм омӯзанд. Ин масъулият бештар бар дӯши падару модарон мебошад, ки кӯдакро ба кӯдакистон ва пас аз он ба мактаб ва пас аз хатми мактаб ба зиндагии мустақилона омода намоянд, лекин дар ҷомеаи имрӯзаи мо чунин падару модаронеро низ назар мерасанд ки дар таълиму тарбия ва ҳуқуқҳои фарзандони хеш ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд. Ҳол он, ки кӯдаки тавлидёфта дар муддати се моҳ бояд аз сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронда шуда, ба ӯ номи нек гузошта, шаҳодатномаи таввалуд ба он дода шавад, вале баръакс баъзе падару модарон ин масъулиятро ба таъхир андохта, ҳангоми ба муссисаҳои томактабӣ ва мактабӣ бурдани фарзандони хеш ба масъалаи мазкур рӯбарӯ мешаванд. Бархе падару модарон нисбат ба тарбияи фарзандон бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд, ки оқибат ба миён омадани амалҳои номатлуб ва ба ҷиноят даст задании онҳо мегардад, санги маломат бар сари онҳо ва омӯзгор мезанад, ки онҳоро аз таълиму тарбия дур гузоштаанд. Аслан таълиму тарбия ду муҳитро дар бар мегирад, хона ва мактаб. Агар фарзандро аз хона дуруст тарбия намуда, таҳкурсии ахлоқу одоби ӯро нисбат ба ҷомеа дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ равона созем, пас ӯ чӣ дар мактаб ва чӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ аз ин ҷиҳат тарбия ёфта, нисбат ба ҳамсабақонаш пешсаф гашта, ба амалҳои номатлуб даст нахоҳад зад. Оиди ҷалб намудани наврасон ба варзиш, бурдани тарзи ҳаёти солим, донишомӯзиву хониши хубу аъло, эҳтироми волидону устодон, садоқату муҳаббат ба халқу Ватан, дурӣ ҷустан аз рафиқону ашхоси ҷиноятпеша ва амалҳои ғайриқонунӣ гузаронидани сӯҳбату вохӯриҳо бо ходимони ҷамъиятӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ ва зарурӣ мебошад. Гузаронидани чунин тадбирҳо имкон медиҳад, ки наврасону ҷавонон ба омӯзиши илму маърифат ва рафтору гуфтори намунавӣ бештар таваҷҷӯҳ ва рағбати инфиродӣ пайдо намоянд.

Яке аз ҳадафҳои дигари Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғону ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин профилактикаи одатҳои зараровар дар байни ноболиғону ҷавонон мебошад. Мутахассисони кор бо ноболиғон В.Ф. Матвеев ва А.Л. Гройсман дар тадқиқоташон дар бораи профилактикаи одатҳои зараровар чунин одатҳои маъмулро номбар менамоянд:

–тарсу воҳима;

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» Душанбе, 2 августи соли 2011. №762.

–ноқисии нутқ;
–оворагардӣ;
–суст шудани хотира;
–хаёлпарастии ботил;
–тарси ноқисии ҷисмонӣ;
–тамокукашӣ;
–майнушӣ ва майзадагӣ[1].

Ба ин одатҳои зараровар солҳои охир нашъамандӣ илова гаштааст, ки яке аз проблемаҳои муҳими ноболиғону ҷавонон гаштааст, чунки аз паст будани маърифати онҳо даст ба чунин одати нангин мезананд, ки оқибатҳои ногувори ахлоқӣ ба психологӣ меоранд, ба генофонди миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд, кори таълиму тарбияро хеле душвор менамоянд. Ба қавли олимон ин вабои инсоният ба шумор меравад, ки ҳам мақомоти ҳифзи ҳуқуқу ба аҳли ҷомеа бар зидди он мубориза бурда, дар пешгирии он саҳмгузор бошанд[2].

Хуб мешуд, ки бештари вақти худро ноболиғону ҷавонон бо мутолиаи китобҳои бадеӣ, машғулиятҳои амалӣ, тасвири расмҳо, омӯзиши забонҳо, истифода аз китобхонаҳои электронӣ ки хусусияти тарбиявӣ дорад сарф менамуданд, ва аз соатҳои тулонӣ дар назди бозиҳои компютерӣ ва шабакаи Интернет худдорӣ карда, воситаҳои электорниро танҳо барои ташаккули сифатҳои неки шахсияти хеш дуруст ва самаранок истифода мебурданд. Падару модаронро бо мактаб бояд доимо робита дошта бошанд, донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд. Пайваста дар он бо роҳбари синф ва сарпарастони гурӯҳҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ суҳбат намояд, бо муаллимаҳои фаннӣ ва коллективи синфашон аз наздик ошно гарданд. Гарчанде фарзанд дар оила ва мактаб рафтору кирдори намунавӣ дорад, берун аз он бо рафиқону ҳамсабақонаш унс гирифта ногаҳон ба корҳои ғайриахлоқӣ даст мезанад, ки дар ин маврид назорати қатъӣ аз ҷониби падару модарон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ лозим аст, то аз ин омили манфӣ фарзандонро канорагирӣ намоянд.

Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани саробони хонавода боиси дур мондани фарзанд аз таълиму тарбия мегардад. Вобаста ба масъалаи мазкур кормандони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғону ҷавонони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз вазъи фарзандоне, ки дар мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои махсусгардонидашуда, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқуқии онҳо, таълиму тарбия мегирад, хабардор шуда, бо чунин муассисаҳо ҳамкорӣ намоянд ва раванди таълими фарзандро дар ин муассисаҳо зери назорати қатъӣ гиранд.

Ҳамин тариқ, таълиму тарбияи наврас дар ҷомеаи Тоҷикистон дорои хусусият ва проблемаҳо буда, тадқиқоти амиқи доманадори илмиро тақозо менамояд, барои амалигардонии он ҳамагон бояд фаъол бошем.

**ОБУЧЕНИЕ И ВОСПИТАНИЕ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА: ОСОБЕННОСТИ И ПРОБЛЕМЫ**

***Ключевые слова:*** закон, обучение и воспитание, правонарушение, вредные привычки, несовершеннолетние и молодежь, школа, общество, ответственность.

В научной статье речь идет об основных проблемах обучения и воспитание несовершеннолетних, профилактике вредных привычек, правонарушение среди подрастающего поколения.

**TRAINING AND EDUCATION OF THE YOUNGER GENERATION OF MODERN TAJIK SOCIETY: FEATURES AND PROBLEMS**

***Keywords:*** Law, education and upbringing, offence of law, pernicious habit, minor and youth, school, society, responsibility.

In the scientific article "Educating and upbringing the rising generation of contemporary Tajik society: the basic features and problems the main issues of educating and upbringing of minors, prevention of harmful habits, offense among the younger generation are discussed.

[1] Матвеев В.Ф., Гройсман А.Л., Профилактика вредных привычек школьников. М., 1986. С. 28-43.
[2] Ниг. пурра: Солиев К.Х., Розиқзода А.Ш. Эпидемия человечества (на тадж. языке). Душанбе, 2001. С. 1-10.

# МАҲФУЗИ ВОЖАҲОИ ЭРОНИАСЛ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ



**Аюбова М.Б.***

Ба асоси тадқиқотҳо муайян намудаанд, ки забони тоҷикӣ (дарӣ) аз ҷиҳати пайдоиш ва мансубият на танҳо бо гурӯҳи забонҳои эронӣ (порсии қадим, авестоӣ, порсии миёна, суғдӣ, форсии нав, осетинӣ, пушту, курдӣ, тотӣ, балуҷӣ, помирӣ, яғнобӣ), балки бо забонҳои дигари ҷаҳон, амсоли ҳиндӣ славянӣ, немисӣ (олмонӣ), англисӣ, фаронсавӣ ҳам таърихан хеш мебошад. Ба як оила – ҳиндуаврупоӣ мансубият доштани забонҳои мазкурро мавҷудияти вожаҳои зиёди аз ҷиҳати шаклу маъно ягона исбот менамоянд, амсоли: *модар (тоҷикӣ) – мать (русӣ) – mother (англисӣ) – mutter (немисӣ); момо (тоҷикӣ)–мама (русӣ)–mummy, mam (англисӣ) – маму (ҳиндӣ)*

Дар забони англисӣ низ чун дар дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ бисёр вожаҳои ҳиндуаврупоиро номбар кардан мумкин аст, ки шаклҳои аввалаи худро нигоҳ доштаанд.

Дар ин мақола вожаи англисии хусусияти гуногуни маъноиву грамматикӣ дошта гирдоварӣ шудааст, ки бо калимаҳои тоҷикӣ ҳамшаклу ҳаммаъноянд, амсоли ***cow**-гов, **daughter**-духтар, **bad**-бад, **ded**-дада, **brother**-бародар, **two**-ду, **three**-се, **door**-дар, **stand**-истодан, **new**-нав, **eyebrow**-абрӯ, **bond**-банд, банда, **dawn**-дон(таг, поён), **star**-ситора, **bode**-бадан , **name**-ном, **mummy, mam**-момо, **gab**-сергап, лаққӣ, ҳарза, жожгӯйӣ, пургӯйӣ, **agile [aʤail]**-оҷил, базудӣ, бачаққонӣ, тезтар; чаққон, серҳаракат, **gazelle**- ғизол* ва ғайра.

Як хусусияти фарққунандаи забони англисӣ аз дигар забонҳо дар он аст, ки шакли аввал ё худ асли вожа одатан нигоҳ дошта мешавад. Ба тарзи дигар гӯем, як калима метавонад талаффузҳои гуногун дошта бошад, ки он дар дохили транскрипсия инъикос меёбад, вале берун аз транскрипсия вожа ҳамеша дар шакли асл навишта мешавад. Ҳамин хусусият аст, ки вожаҳо шакли қадимаи худро нигоҳ доштаанд.

***daughter [do:tə ]**-духтар*
***eyebrow [aibrou ]**-абрӯ*
***bear[ bƸə]**- бӯр (хирс)*

Дар забони англисӣ хирс номи худро аз рангаш, ки ***бӯр*** аст , гирифтааст. Дар зери мафҳуми ***bear[ bƸə]*** “*дағал*” низ фаҳмида мешавад, ки он дар навбати худ аз рафтори *хирс* манша гирифтааст. Дар забони тоҷикӣ низ ба ин монанд номэҷодкунӣ бисёр вомехӯрад: *хазидани чипор (яъне мори чипор), бӯрпаҳлавон (яъне хирс), ҷамъоварии қандак (яъне ҷамъоварии зардолуи қандак).*

Дар забони форсии қадим вожаи *парадиз*, ки маънои “*он сӯйи (параи, бари) диз (қалъа)*”-ро дошта, *боғи дар бари қалъа* бударо мефаҳмонад, ҳоло дар шаклу маънои муарраб, яъне *фирдавс*

*Аюбова М.Б. – мудири кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сотсиология, дотсент.

*“боғи биҳишт, биҳишт”* дар истеъмол мебошад. Дар забони англисӣ он на танҳо шакл, балки маънои пешини худро низ нигоҳ доштааст: *paradise [ pærədais]- биҳишт, боғи декоративӣ.*

Дар забони тоҷикӣ ҷойи пешванди инкории қадимаи *а*-ро пешванди *бе*-гирифтааст. *аноҳит-беолоиш*, *анӯш – бемарг*

Дар забони англисӣ шакли қадимаи пешванди инкорӣ дар баъзе вожаҳо маҳфуз мондаанд.

Вожаи ***gab*** дар забони англисӣ маънои ***“****серган, лаққӣ, ҳарза, жожгӯйӣ, пургӯйӣ” –* ро дорад.

Антоними он дар шакли ***agape*** [əgeip] айнан ***“беган”***, яъне *“бо даҳони боз”, “хомӯш”* ифода мeёбад.

Дар забони тоҷикӣ “***дон***” дар шакли пасванди маконсоз, ки чуқурӣ, тагро ифода менамояд, истифода мешавад: *каҳ****дон****, гул****дон****, сиёҳи****дон****, занах****дон****.* Дар забони русӣ дар шакли *“****дно****” таг, умқ, чуқуририро* мефаҳмонад. Дар забони англисӣ низ дар ҳамин шакл маънои “*таг, поён” –*ро ифода менамояд: ***dawn****-дон (таг, поён),* ***sit dawn****-поён шин*

Вожаи ***ситора*** дар осори давраи қадим шаклҳои *starag//starak//star-ро дорад.* Дар забони англисӣ низ дар шакли *“Авасто”-и миёна-* ***star*** маҳфуз мондааст**.**

Вожаи *band* [bænd] дар забони англисӣ якчанд омоним дошта, яке аз омонимҳои он ба маънои “банд, ресмон, пайваст” дар забони тоҷикӣ ва англисӣ шаклу маъноҳои ягона доранд ва аз ин омоним калимаҳои зиёде сохта шудаанд: ***bandog*** [bændɔg]“саги занҷирбанд”, ***bandage*** [bænd ɪʤ] *“бандак”,* ***bond*** *[bɔnd]“бандаж”, “алоқа, пайвастан”, “ишкел”, “маҳкама”,* ***bondage*** *[bɔnd ɪʤ] “вобастагӣ, ғуломӣ, ҳолати бандагӣ” ,* ***bondman [****bɔndmən****]****“банда, ғуломмард”,* ***bondmaid [****bɔndme ɪ d****]*** *“ғуломзан, каниз, хизматгорзан”.*

Устоди ДМТ, профессор Ш. Кабиров бо такя ба маҳазҳои муътамад оиди вожаи бостонии мо**- humanišn** фикрҳои ҷолибу арзишманде баён намудаанд: “Вожаи мазкур аз се ҷузъ: пешванди **hu** – (ҳу), решаи- **man**- (ман) ва пасванди –**išn** (- ишн) ташаккул ёфтааст. Пешванди **hu-**маънои хуб ва некро ифода намуда, аз исм сифат месозад. Чунончи: **hučašm-**некчашм, **huxrad**-некхирад, **hušang**-хонаи хуб, ҷойи хуб ва ғайра. Шояд ҳиссачаи тасдиқии ҳа (ҳова), ки муродифи хуб, бале, майлаш мебошад, аз ҳамин **hu** маншаъ гирифта бошад. Решаи **man** (ман) фикру андеша ва ниятро ифода намуда, ҳамрешаи вожаи русии мнение (фикру андеша) мебошад: **Bahman** (Баҳман (беҳман)- андешаи нек (беҳ), **dušman** - андешаи бад ва ғайра. Пасванди –**išn** муодили пасванди русии-**izm** буда, исми маънӣ месозад, вале чун исми шахс созад, **z(з)** ба **s(с)** табдил меёбад**.** Муқоиса кунед: коммунизм (коммунист), гуманизм (гуманист), шовинизм (шовинист), материализм (материалист) ва ғайра”.

Вожаи мазкур имрӯзҳо дар забони тоҷикӣ мисли як қатор калимаҳо дар шакли асл (**humanišn**) ба қатори вожаҳои матрук дохил шуда, дар радифи вожаҳои сайёр дар либоси бегонаи фарангӣ- гуманизм (гуманист) мустаъмал аст. Он дар шаклҳои пешин - **humane «нек, инсонӣ», humaneniss “некӣ, одамгарӣ”, man “мард, инсон” (аз man “андеша, фикр, шуур”-и авастоӣ манша гирифта, ба махлуқи ягона (инсон), ки дорои шуур аст, хусусияти фикру андеша карданро дорад, ишора менамояд)** дар забони англисӣ маҳфуз мондааст. Қобили зикр аст, ки пасванди **išn** (- ишн) низ дар забони англисӣ вазифаи худро то имрӯз нигоҳ доштааст.

Бояд зикр кард, ки чунин роҳи тадқиқи забонҳо, яъне омӯхтани лаҳҷаву гӯйишҳои забонҳои ба ҳам хеш имконият медиҳад, ки бо шиносоӣ ва бархурдорӣ аз хусусиятҳои таърихиву грамматикии ҳамдигар омӯзишу азхудкунии забонҳои хеш бароямон осон гардад ва бо роҳи муқоисаву таҳлил шаклҳои асли вожаҳои матрукшударо дарёб, эҳёву барқарор кунем ва бо ин восита таркиби луғавии забонамонро бой намоем.

**ИРАНСКИЕ СЛЕДЫ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ**

***Ключевые слова:*** группа иранских языков, семейство индоевропейских языков, таджикский язык, английский язык,

отличительные особенности английского языка.

В данной статье рассматриваются слова английского происхождения, имеющие единые формы, смысловые и грамматические значение с таджикскими словами, а так же древние слова индоевропейского происхождения сохранившие первоначальную форму в английском языке.

**IRANIAN FOOTPRINTS IN ENGLISH**

***Keywords:*** group of the Iranian languages, the family of Indo-European languages, Tajik language, the English language, the distinctive features of the English language.

This article discusses the origin of English words that have the same forms, semantic and grammatical meaning with Tajik words, as well as the ancient words of Indo-European origin to keep the original form in English.

# СИСТЕМАИ РАВОНИИ МЕҲНАТӢ ВА ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МЕНЕҶМЕНТИ МУОСИРИ КАСБӢ



**Ғаниев Т.Б.***

Муносибати равонии одамон ба меҳнати касбӣ ва дигар фаъолиятҳои вобаста аз ин қисман муайян карда мешаванд. Чунки хислати рафтории равонии одамонро дар пайвастагии интихоби касбу ҳунар ва талаботи худи касб донишмандони соҳа меомӯзанд ва гуруҳбанди карда, хулосаҳои илмӣ менавсанд.

Аммо мо дар ин мавзӯи китобамон мехоҳем диққати асосиро ба хусусияти хоси равонии системаи навини меҳнатӣ ва ташкили фаъолияти касбӣ дар майдони неоиқтисодии ҷаҳонӣ бидиҳем.

Муносибати равонии ташкили фаъолияти меҳнатии роҳбаронро дар ин системаҳои геоиқтисодӣ бо мақсади таъмини судоварии баланди касбӣ ва болоравии хоҳишу тавонмандиву ҳунармандии кормандон равона созем.

Аз нигоҳи равонӣ меҳнат ва фаъолияти меҳнатиро дар илми менеҷмент ҳамчун ӯҳдадории ҳатмии одамон муаррифӣ карда, вақте ки ҳар як фарди солим ба сини 16 солагӣ мерасад вай қобилияти меҳнатӣ пайдо мекунад ва ҳатман бояд ба меҳнат кардан шурӯъ намояд. Агар ӯ меҳнат накунад, пас ӯ даромад гирифта наметавонад. Агар дигар сарчашмаи даромад надошта бошад, пас зиндагониашро ғайриқонунӣ ҳисоб шуда, мумкин ӯро ба ҷавобгарӣ мекашанд.

Фаъолияти меҳнатии ҳар яки мо дар дафтарчаи меҳнатӣ қайд карда шудааст ва бо мӯҳри корхона устувор гардонида шудаанд. Дар ҳолати баҳо додани ҳунари меҳнатии мо ҳатман аз он дафтарчаи меҳнатӣ дидан мекунанд ва онро баҳо медиҳанд. Агар хуб меҳнат карда бошему дар вазифаҳои баланди ҳунарӣ фаъолият карда бошем, пас моро мегӯянд, ки таҷрибаи хуби меҳнатӣ доранд. Агар не, хислатномаи моро хуб қабул надоранд. Аз тарафи дигар муайян низ мекунанд, ки мо кадом ҳунари касбиро дорем.

Ҳамин тариқ маълум мегардад, ки меҳнат ин фаъолияти мақсадноки одамон мебошад, ки вобаста аз хислати равонӣ метавонад, ки 5 зинаи таъмини талабот дошта бошад:

**1. Хароҷоти қуввваи физиологии корӣ.**

**2. Ҳаракатҳои мақсадноки таъмини бехатарӣ.**

**3. Ҳаракатҳои равонии касбию ҳунарӣ иҷтимоӣ.**

**4. Ҳаракатҳои ақлонии хирадё худ устоди касбӣ.**

**5. Ҳаракатҳои судоварии баланди пешвоии касбӣ.**

Ду зинаи авали фаъолияти меҳнатии одамон характери талаботии

---

*Ғаниев Т.Б. – профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳури Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, професор.

қувваи физиологиву ҷониро дошта бошад, ин танҳо имконоти таъмини қобилияти физиологии одамон ва ҳимояи бехатарии ҷони ӯ мебошад. Даромад аз натоиҷи ин меҳнат хеле паст буда, танҳо барои рузгузаронӣ ё худ хурду хобби худи фарди меҳнаткаш мебошанд.

Аммо хушбахтона инсоният боз имкони равонии як зина баланди меҳнатӣ дорад. Яъне ӯ метавонад, ки донишу ҳунареро омӯзад ва қобилияте пайдо кунад, ки натиҷааш болотар буда, барои ҷомеа низ судовар мегардад. Маҳз талаботи равонии ташкили фаъолияти меҳнатии менеҷмент низ аз ҳамин нуқта сарчашма гирифта, кормандони касбиро талаб доранд, ки имкони ҳунариро доранд.

Бояд қайд намуд, ки ҷомеаи инсонӣ низ дар ҳамин сатҳи сеюм метавонад, ки хушбахтона зиндагонӣ ва кору фаъолият намояд. Пас ҳар як фарди солимро зарур аст, ки барои ворид гаштан ба ҷомеаи инсонӣ касбеву ҳунареро аз худ намоянд. Зинаи чоруми рушди равонии меҳнатӣ бошад, ин то ба зинаи хирад ва устоди ҳунар расонидани фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Ин зинаи равонии ҳунармандии меҳнатиро ҳамчун устоде, ки боз пайравону шогирдони худро дар ин ҷода тарбия мекунаду истеъдоди ҳунарии худро пайваста сайқал медиҳанду судоварии баланди касбиро барои кулли ҷомеа ва халқу миллат расониданаш мумкин аст.

Дар ин зинаи равонии меҳнатӣ инсон аллакай машҳуру маълуми касбӣ гашта, дараҷаи кайфияти меҳнатиро пайдо карда, меҳнати касбиашон ҳамчун мазмуни зиндагониашонро мегирад ва устод дигар лаҳзае худро бе андешаи равонии касбӣ тасаввур карда наметавонад. Яъне у ин лаззати меҳнати касбиашро дар зинаи равони ақлониву хирад дарк карда, модели устуоври худро месозад, ки метавонад ба одамон баҳраоварии калон дошта бошад.

Таъкид бояд кард, ки асоси мазмуни калимаи итолиёвии «Менеҷмент» низ ҳамин **«хирад»** буда, талаботи таълимии фанни мо низ ташкили фаъолияти касбӣ дар ҳамин зинаи меҳнатӣ мебошад.

Зинаи панҷуми меҳнатӣ ба қисмати ками одамон муяссар мегардад, ки ин гуна мардони соҳибҳунари касбӣ на танҳо худ, балки ба зинаи пешвоӣ расида, як гуруҳи одамон, қавму миллатҳоро роҳбарӣ карда, судоварии калони таърихиро соҳиб гашта дар хушбахтии мардум саҳмгузор мегардад.

Вобаста аз хислати меҳнат ва талаботҳои равонии менеҷменти касбӣ гуфтан мумкин аст, ки меҳнат ҳамчун категорияи ҷамъиятӣ – иҷтмоиву иқтисодӣ ва ҳатто сиёсӣ баромад карда, инсонҳо вобаста аз малакаву истеъдоду қудрати меҳнатиашон ҷойи аслиашонро дар ин сохтори ҷамъияти инсонӣ ва дар системаи геоиқтисодии ҷаҳонӣ неоиқтисод худашон пайдо мекунанд, ки ҳазорсолаҳо устувор боқӣ мемонанд.

Гарчанде, ки меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ мустақилу озоду фардӣ мебошаду ба рушди системаи иқтисодиву иҷтимоӣ таъсиррасон аст, Аммо, системаи иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа метавонад дар навбати худ ба хислати меҳнат ва судоварии он таъсиррасон бошад. Яъне доимо алоқамандии бевоситаи равонии иқтисодиву иҷтимоии меҳнат дида мешавад.

Дар системаи ташкили муносибатҳои меҳнатӣ, ташкил ва истифодаи меҳнат, идоракунӣ ва ҳавасмандии меҳнат, ташкили сохторӣ ва функсионалии шаклҳои меҳнат иштироки фаъол доранд. Вобаста аз ин судоварии меҳнат ва фаъолиятҳои равонии иқтисодие, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ иштирок менамоянд, натиҷагирии меҳнат вобаста мебошанд.

Дар системаи иқтисоди бозоргонӣ меҳнат шаклу тарзи озоди фаъолияти ҳунарии одамонро гирифта, тамоми фаъолияти мақсадноки манфиатовари қонунии одамон, ки аз онҳо хароҷоти ақлонӣ, қувва ва неруи касбӣ, вақт талаб мекунад, новобаста ба соҳаи истифодашуда натиҷа ва шаклу тарзи ба вуқуъ омада ҳисоб карда мешаванд.

Пас дар шароити иқтисоди бозорӣ фаҳмиши равонии даромади ғаримеҳнатӣ аз байн рафта, ба ҷои он даромади коррупсионӣ, ҷиноятӣ ва ё ғайриқонунӣ пайдо шудааст. Вобаста аз он, боз мотив ва ё унсури равонии ба вуқуъ пайвастани меҳнат низ дар

шароити иқтисоди бозоргонӣ дигаргун мешаванд.

Як замоне дар шароити системаи плании иқтисоди Шуравӣ меҳнат чун **«шараф, обрӯй ва қаҳрамонӣ»** шиор дошта бошад, имрӯз меҳнат ин мазмуни худро дигар сохта, ҳамчун ҳунар, касб, истеъдоду қудрат ва сарчашмаи сарватмандӣ шинохта мешавад. Яъне равоншиносии меҳнатӣ шакли мазмунану миқдоран дигарро гирифта, системаи муносибатҳо ва арзишҳои меҳнатӣ низ куллан дигар шудаанд.

Вобаста аз мазмуни равониву ахлқӣ мавқеи навин гирифтани меҳнат ҳақмузд ба меҳнат ва тарзи ҳисоббаробаркунии меҳнатӣ аслан шакли шартномаи дутарафаро гирифта, фарқиятҳои ҳақмуз вобаста аз малакаи кордониву ҳунару истедои меҳнатӣ 1000 – ҳо маротиба ҳақмузди одамон аз якдигар фарқ мекунанд.

Аммо қоидаҳои умумии меҳнати дар тамоми дунё ба низом даровarда шуда, кодекси меҳнати дар дохили мамлкатҳо ва боз талаботи ташкилоти байналмиллалии меҳнат ТБМ, инчунин якчанд институтҳои банизомдарории муносибатҳои меҳнатӣ дар ҷаҳон амал мекунанд, ки фаъолияти меҳнатии одамонро дар шароити геоиқтисодӣ ба низом медароранд.

Асосан талаботҳои меҳнатии байни корфармо ва иҷрокунанда ва давлат дар системаи муносибатҳои меҳнатӣ мақоми аввалиндараҷа дошта, шакли худмустақилиро гирифта, ҷараёни меҳнат ва ҳаракати кормандон, муҳити иҷтимоиву иқтисодии зиндагонии одамонро давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ бо фишангҳои иқтсиоди бозоргонӣ ба низом медароранд. Мо оиди баъзе аз хислатҳои хуби системаи ташкили меҳнатии ддавлати Ҷопон дар китоби 6 – уми менеҷмент пурра гуфта гузаштаем.

Консепсияи замонавии шуғли меҳнатӣ иқтисоди бозоргонӣ ба қоидаҳои зерин асоснок карда шудаанд: шуғли ихтиёрӣ, рақобатпазирии бозори меҳнат, ҷойивазкунандагии кормандон, мавҷудияти воқеии бекорӣ, зарурати ҳамкории иҷтимоӣ, зарурияти касбиятнокии меҳнат ва механизми танзими бозори меҳнат.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ давлат ва менеҷменти корхонаҳо бозори меҳнатро ба воситаи механизмҳову усулҳои гуногун меҳнат ва муносибатҳои меҳнатиро ба низом даровarда, меъёрҳои ҳуқуқӣ – нормативӣ, системаи андозу андозситонӣ, ҳар гуна пардохтҳо ва ёрдампулиҳову нафақа, қарздиҳиву дигар системаи ҳавасмандии молиявӣ муайян карда, самаранокии шуғлии аҳолии қобилияти меҳнатиашонро таъмин мегардонанд.

Мақсади асосии танзими давлатии захираҳои меҳнатӣ ва меҳнат дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аз иҷрои вазифаҳои зерин иборат мебошанд:

1. **Бо мақсади мувофиқакунонии истифодабарии самараноки захираҳои мехнатӣ бо рушди иқтисодӣ ва муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакат.**
2. **Баландбардории дараҷаи шуғлнокии аҳолӣ ва кам кардани бекорӣ дар мамлакат.**
3. **Дастгири ва кумак расонидан барои баландбардории сатҳи касбиятнокии аҳолӣ ва таъмини рақобатпазирии кормандон дар бозори ҷаҳонӣ, вобаста аз талаботи рушди техникиву технологӣ.**
4. **Таъмини ҳимояи қишри аҳолие, ки имкону қобилияти меҳнатиро надоранд.**
5. **Таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар асоси шуғли пурра ва самараноки фаъолияти касбии аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта.**

Иқтисоди бозоргонӣ хоси мавҷудияти бозори меҳнат ва рақобати пуршидати он аз як тараф рушди прогрессии техники – технологии ҷаҳонӣ, вобаста аз ин кам шудани ҷойҳои корӣ ва афзоиши бекорон (шумораашон имрӯз дар ҷаҳон тахминан то 200 миллион расида, соле то 10 миллион корманд бо сабаби рушди техникӣ ҷои кори худро аз даст медиханд), инчунин суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ.

Имрӯзҳо системаи мураккаби геоиқтисодии ҷаҳонӣ дорои рақобати бузурги бозори меҳнатӣ гаштааст, ки дар ҳеҷ як давру замони рушди ҷомеаи инсонӣ чунин рақобат вуҷуд надошт. Дар чунин як шароити бемарзии бозори

меҳнат дигар танзими бозори милли меҳнат ва ҳатто дар доираи як давлати мустақил ғайриимкон мебошанд.

Фаъол гаштани унсурҳои иқтисоди бозорӣ ва фишангҳои геоиқтисодӣ имруз чунон системаи неоиқтисодиеро сохтаанд, ки интегратсия ва интернатсионализатсияи корхонаҳо боиси куллан дар шакли навин тақсим шудани бозорро байни давлатҳои тараққикардаи дунё ва давлатҳои камтараққикарда оварда расонидааст.

Аз ин нуқтаи назар бозори меҳнат ҳамчун системаи мураккабу мушкили иҷтимоию – иқтисодии ҷаҳонии байни корфармо ва иҷрокунандае гаштааст, ки ба ҷои корӣ ва кирояи қувваю неруи зеҳнии худ муҳтоҷ аст ва ё зарурат доранд. Фаҳмиши равонии зеҳнии кормандон, ки барои иҷроиши фаъолияти касбиеву ҳунарие тавонмандиву қудрат доранд, унсуре мебошад, ки асоси интихоби озоди муносибатҳои меҳнатиро дар шароити иқтисоди бозорӣ ташкил медиҳанд.

Дар замони йқтисоди бозоргонӣ ҳар як корманд соҳибмулки комилҳуқуқи моликияти ҳунарии худ буда, касе ҳуқуқ надорад, ки меҳнати уро истисмор намояд. Чунин як имконот албатта дар равони корманд ва корфармо як қатор ӯҳдадориҳоро пайдо месозад, ки дар ташкили фаъолияти меҳнатӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

Яъне ба корманд имконот дода мешавад, ки озодона шаклу тарзу намуди фаъолияти касбиашро худаш интихоб намояд. Бозор бошад, имкон медиҳад, ки у ба ивази меҳнаташ ҳатман ҳақмузди мувофиқ талаб намояд. Албатта ин вобастагӣ пурра дорад аз тавнмандии ҳунарӣ қобилият ва дараҷаву малакаву истеъдоди кордонӣ ва касбиятнокии корманд.

Чунки талаботи равонии механизми бозори меҳнат он аст, ки ченаки тарозӯи арзиши корманд ин ҳамон истеъдоду ҳунари касбиашон мебошанд, ки худи ӯ таҷҷассумгар аст. Ин нуқтаи назари равонии бозор одамонро маҷбур месозад ва ё ҳавасманд менамояд, ки дараҷаи касбиашонро баланд бардоранд, то ин ки даромади баланд бигиранд ва дар муқоиса ба рақибон рақобатпазир бошад. Инро ҳамчун унсури равонии самаранокии сифати меҳнат ва захираҳои меҳнатӣ низ мегӯянд. Чунин механизми танзимкунандаи бозори меҳнат имкон медиҳанд, ки мардони ҳунарманди касбӣ на танҳо дар менеҷмент, балки дар системаи неоиқтисоди ҷаҳони глобалӣ ҷои худро пайдо карда, самаранок меҳнат намояду хушбахтона умр ба сар бубаранд. Чунин як имконот дар системаи иқтисодӣ маъмурии идоракунӣ кам дида мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳони иқтисодии имрӯза гувоҳи он аст, ки мавҷудияти системаи озоди муносибатҳои бозори меҳнат имкони судоварии баландро дар тамоми системаи истеҳсолоти молӣ ва хизматрасониҳо таъмин менамоянд.

Дахолати давлат ба бозори меҳнат ҳамчун унсури маъмурии фармондиҳи ғайрисамаранок буда, рушди равонии касбии онро таъмин карда наметавонад, инчунин ҳавасмандии натоиҷи касбӣ ба талаботи равонӣ ҷавобгуй набуда, одамонро танбал мегардонанд.

Чунки бозори меҳнат ин доираи муносибатҳое мебошанд, ҳам барои корфармо ва ҳам барои иҷрокунанда меъёрҳои равонии ташкили фаъолият, мотив ва ҳавасмандии дутарафа дошта, таъсири калон ба натиҷагирӣ ва дигар унсурҳои муносибатҳои меҳнатиро доранд.

Доир ба муносибатҳои меҳнати кироя бошад, ин дар шароити иқтисоди бозоргонӣ дар асоси розигии дутарафа доир ба фаъолияти меҳнатӣ мебошанд.

Тарафи кироягиранда вобаста аз имконотҳои худ ва заруратy ҳаҷму талаботи кори худ шарту шароиташ, инчунин талаботашро нисбати сифати кориҷрокунандаи кироя аз нигоҳи касбияту ахлоқу фаҳмишҳои равонии корманд озодона пешниҳод менамояд. Дар шартномаи меҳнатӣ дар якҷоягӣ бо иштироки бевоситаи корманди кироя сабт карда, мувофики ин хоҳишашон, ки дар шартномаи кироя дарҷ гардида аст, иҷроиши уҳдадориҳои меҳнатиро дар вақташ талаб мекунанд.

Тарафи кироядеҳ ва ё коргари кироя вобаста аз дараҷаи кордонии хеш ва сатҳи маошу шароити меҳнатии пешниҳодшуда ва дигар унсурҳою омилҳои диққатҷалбкунандагии ҳаҷму ҷою шароити меҳнатиашон ризогии

хадро дода, шартномаи меҳнатии кироя ба имзо мерасонанд.

Дар ҳақиқат агар талабот ба таклифот мувофиқат намояд, пас ҳарду тараф шартномаро имзо карда, ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ менамоянд. Ин ҳуҷҷат ҳамчун шартномаи меҳнатӣ ба ҳисоб рафта, барои иҷрои кори майян ва хизматрасонии муайян дар вақтимуайян ва музди муаян бо талаботҳои дутарафаи муайян байни дув а ё зиёда тарафҳо баста мешаванд. Баъди ба имзо расидан ва тасдиқ шудани шартнома ҳукми қонунӣ гирифта иҷришаш шарти зарурӣ мебошад.

Дар ҳолати иҷро нагаштани шартнома аз ҷониби яке аз тарафҳо тарафи дигар ҳуқуқ дорад, ки тарафи дигарро ба суд кашад ва ҳуқуҳояшонро тибқи қонунгузории мавҷудаи ҳамон давлат ва ё меъёрҳои дигар батанзидароварандаи байналмиллалии мехнат, талаб намоянд.

Яъне ҳарду тараф ҳам аз нигоҳи равонӣ ҳавасманд мебошанд, ки муносибатҳои хуби мехнатиро ташкил карда, ин шартномаро дар ҳолати хуб иҷро шудани кору хизматҳо боз идома дода, аз сари нав бо муҳлатҳои зиёд нависанду ҳамкории дутарафаро давом диҳанд.

Гуфтан мумкин аст. ки шартномаи дутарафаи меҳнатӣ ҳамчун асосии ҳуқуқии батанзидароварандаи муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити бозор мебошад. Ҳатто дар ҳолатҳое, ки ҳарду тараф ба зинаи боварии якдигарӣ мерасанд ин шартнома метавонад, ки бе мӯҳлат баст ашавад, ки таъсири баланди мусбии равонии касбиро таъмин месозанд. Дар бораи якумра будани шартномаҳои ширкатҳои Ҷопонӣ мо дар китоби 6 – уми худ гуфта гузаштаем. Шартномаи меҳнатиро дар ин мамлакати рушдёфта ҳамчун ҳуҷҷати меъёрии ахлоқӣ - кафолатии ананавии милли ҳисоб карда, хеле муқаддас медонанд ва ҳамчун шароити асосии таъмини сифати баланди фаъолияти касбии корманд ба ҳисоб меравад.

Талаботи ташкили равонии иқтисоди фаъолияти меҳнатӣ боз дар он мебошад, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва системаи мураккабу мушкили бозори ҷаҳонӣ ҳунару қоблияту истеъдоди касбӣ мақоми асосиро дар ташаккул ва тақдири ояндаи ҳар як фард мебозад.

Ин талаботи равонӣ бояд дар дилу хуну рагу равону асабаш чунон ворид гардад, ки меҳру муҳаббаташро, ишқу дилдодагиашро равону хираду ҳастиашро корманд пурра барои рушди истеъдои касбӣ ва тавонмандсозиву қудратманднокии касбиашон равона созанд.

Бояд гӯям, донишмандону хирадмандони бузурги бахши равонии инсоншиносӣ таъкиду таъкид ва асосноку асоснок вобаставу пайваста ба он карданд, ки рушди равони касбӣ ягона даричае мебошад, ки инсон вориди имконоти воқеии худ – ақлу заковату хиради азалии худ шуда, то зинаи хештаншиносии касбӣ расида, худро мондагори таърихӣ месозад. Яъне, шарти объективии мавҷудияти инсонҳо ин меҳнати касбӣ буда, ҳамчун сарчашма ва мазмуни хушбахтии ӯ доимо дар тамоми давру замони зиндагониашон баромад менамоянд. Яъне инро ҳамчун ҳаракатҳои ақлониву ахлоқии инсонҳо дар рӯи замин шинохта, дар илми ташкили равонии фаъолияти меҳнатӣ дар менеҷмент мо вазифадор ҳастем, ки муовиқ ба ин мазмуни илмию фалсафии меҳнат фаъолияти касбиро ба роҳ монда, хушбахтона зиндагонӣ намоем.

Аз дигар тараф меҳнат ва ҷараёни меҳнатӣ ин системае мебошанд, ки кулли одамони қобилияти меҳнатиро фаро мегирад. Асоси пайдоиши истеҳсоливу хизматрасониҳои моддиву маънавӣ, ахлоқӣ, молу хизматрасониҳоро дар тамоми соҳаҳо меҳнат ташкил дода, барои зиндагонии хуби одамон шароити заруриро пайдо мекунад.

Суръати баланди афзояндагии талаботҳои инсонӣ ва афзоиши табиии инсоният дар рӯи Замин ва маҳдудияти сарвтҳои табиии аз тарафи дигар таъмини талаботро зинадгонии хубро барои кулли инсоният мушкилу мураккабтар гардонида, дараҷаву сифати меҳнатталабиро дар ҷомеаи инсонӣ зиёд мегардонад, яъне ҳар замон аз одамон меҳнати иловагӣ тақозои замон гаштааст.

Дар баробари ин талаботи одамон ба молу хизматрасониҳо куллан ва бо суръати тағир ёфта, хислату қоида ва

тарзу усулу шакли меҳнатро ҳам сифатан ва ҳам миқдоран дигаргун сохтаанд.

Инсоният бо мақсади баландбардории самаранокии меҳнат ва кам кардани хароҷотҳои моддиву замонии мол ва беҳтар кардани шароити хуби меҳнативу осонгардонии ҷараёнҳои меҳнатӣ, системаи автоматикунонӣ ва компютаризатсияи ҷараёни меҳнатро ба роҳ мондааст, қоидаҳои равонии ташкилу системаҳои идоракунии меҳнатро дар асри XXI куллан навсозӣ кардааст, ки хислати геоиқтисодиро гирифтаанд.

Ин ҷараён ҳар замон навоварӣ шуда, истеҳсолот, номгуи молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳо бемайлон афзуда истодааст, ки ҳатто равони касбии одамон имкони пурра дарк кардани ин иттилоотро надоранд.

Аз ин хотир мавқеи муҳимро дар ҷараёни равонии меҳнати имрӯза фаъолияти роҳбарӣ ва идоракунии истеҳсолӣ, эҷодиву зеҳнии касбӣ, меҳнати илмиву – тадқиқотӣ, техникиву иттилоотӣ ва хизматрасониҳо мақоми аввалинро гирифтаанд.

Кушиши аксарияти одамон, соҳибкорону сиёсатмадорони дунё дар замони муосир барои ҳарчӣ зиёд ба даст овардани сарвату васеъ намудани доираи ҳукмрониҳояшон мебошад, ки он танҳо дар асоси меҳнати самараноки касбӣ – зеҳниву эъҷодӣ, истеъдоди баланди соҳибкорӣ ба даст даровварда мешавад.

Дар бозори ҷаҳонии меҳнат бошад аксар мавридҳо талабот аз таклифот дида болотар буда, сифат ва ё дараҷаи касбии корҷуён аз талаботи сифатии корфармоён фарқияти калон дорад. Дар бозор бисёртар қувваи кори ғайриқобил ё бекасб мавҷуданд, ки ин арзиши арзони қӯвваи меҳнатро ва шумораи бекоронро дар ҷаҳон меафзоянд.

Дар баробари ин бо афзоиши бемайлони аҳолӣ дар ҷаҳон боз шумораи кормандони бекасб афзуда истода, шумораи мардуми қашшоқро зиёд карда истодаанд. Чунки дар баробари рушди техникиву технологӣ талабот ба меҳнати касбӣ афзуда имрӯзҳо дар бозори меҳнат зиёда аз 80% корҳо малакаи тахасусии маълумоти олӣ талаб карда, 15% малумоти миёнаи махсуси касбӣ ва ҳамагӣ 5% корҳо мумкин маълумоти касбӣ талаб накунанд.

Аммо таносуби касбиятнокии кормандон бошад дар бозори меҳнат баръакс мебошанд. Аз дигар тараф ҷараёни меҳнатӣ имрӯз аз доираи талаботи аввалаи худ берун баромада ҳамчун воситаи таъмини талаботи одамон ба иртибот, муомила, хизматрасонӣ ва системаи алоқа ва дигар кайфиятҳои инсонӣ дар ҷаҳони неоиқтисодӣ гаштааст.

Бояд қайд кард, ки яке аз хислатҳои хоси равонии меҳнат ин ҷараёни ташаккули шахсият ва истеъдоду малакаи кордонии одамон мебошад. Дар натиҷаи таҷрибаи фаъолияти меҳнатӣ инсонҳо донишу ҳунару қудрати касбии баландро пайдо карда, ҳамчун шахсият дар ҷомеа шинохта мешаванд ва мақому манзалат пайдо менамоянд.

Яъне ин имконоти худифодагарӣ ва худтасдиқкунии одамон мебошад. Аз ин нуқтаи назар меҳнат ин ҷараёни фаъолияти касбие мебошад, ки инсоният дар назди ҷомеа қарзи шаҳрвандии худро иҷро менамояд. Ба зинаи олии рушди касбӣ расида, аз уҳдаи касбии худ баромада, инсон ба зинаи **«озодӣ» -** и худ мерасад, қуввату ғайрат пайдо мекунад, сарват пайдо мекунад, шароити зиндагониашро хуб мекунад, оиладор шуда, имконоти такрористеҳсоли наслашро пайдо менамоянд.

Дар ҷаҳони илмии менеҷмент бошад фикрҳои гуногуни талаботи одамон ба меҳнат мавҷуд аст, ки аз ҳама паҳншудаи он назарияи X, У ва Z мавҷуд мебошад.

Мувофиқи назарияи X – одамон аслан танбал буда, хоҳиши меҳнат карданро надоранд. Барои он ки инсон меҳнат кунад уро бояд маҷбур карда хоишашро бедор кардан зарур аст. Мувофиқи назарияи У бошад, баръакс менависанд, ки одамон хоҳиши баланди меҳнатӣ доранд, вале ситсемаи менеҷмент танбал аст, ки наметавонанд ҳавасмандии меҳнатро таъмин созанд.

Назарияи тадқиқотчии ҷопонӣ Уилям Оуч **«назарияи Z»** бошад ҳавасмандии кормандон ба меҳнат аз ғамхориҳои менеҷмент ба кормандон вобаста аст. Агар менеҷменти корхона ва ё ширкат доир ба захираҳои инсонӣ ғамхору меҳрубон бошаду фикри

таъмини шароити хуб барои корманд, оилаву фарзандаш, вазифадориву рушдаш дошта бошад, корманд доимо барои меҳнати самаранок ҳавасманд мебошанд. Мо низ тарафдори ақидаи **«назарияи Z»** буда, талаби рушди равонии касбии менеҷментро дорем.

Ҳамин тариқ мувофиқи хулосаҳои системаи равоншиносии меҳнатии менеҷмент дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ муносибатҳои меҳнатӣ аслан аз панҷ унсури асосӣ иборат мебошад.

1. **Мақсади асосии фаъолияти меҳнатӣ.**
2. **Ҳавасмандӣ ва тарзу усули амалисозии он.**
3. **Мотиви фаъолияти мехнатӣ**
4. **Касб ва дараҷаи касбияти корманд.**
5. **Ҳолат ва дигар омилҳои мухити меҳнатӣ.**

**ОРГАНИЗАЦИЯ СИСТЕМЫ ЭТНОЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕНЕДЖМЕНТА В НЕОЭКОНОМИЧЕСКИХ МОДЕЛЯХ**

***Ключевые слова:*** этноэкономика, неоэкономика, этнонациональная экономика, модель наоэкономика, глобализация, устойчивое развитие экономики, человеческий капитал, модель устойчивого развития экономики.

В статье рассматриваются важные всемирные экономические глобализации в появлении новых научных экономических терминов.

**ORGANIZATION MANAGEMENT SYSTEM ETNOEKONOMICHESKOGO NEOEKONOMICHESKIH MODELS**

***Keywords***: etnoekonomika, neoeconomy, ethno-national economy, naoekonomika model, globalization, sustainable economic development, human capital, the model of sustainable economic development.

The article discusses the important global economic globalization in the emergence of new scientific economic terms.

# ПЕРОМУНИ МАНШАИ ТОЧИКОНИ САРИКӮЛӢ ВА ТОПОНИМИ САРИКӮЛ



**Кабиров Х.***

Қабл аз шурӯи матлаб мавриди тазаккур аст, ки тоҷикони Чин, яъне сарикӯлиҳо ва вахониҳо тибқи баҳисобгирии соли 2012 дар маҷмӯъ 45 600 нафарро ташкил дода, онҳо асосан дар ноҳияи тоҷикнишини худмухтори Тошқӯрғон воқеъ дар шимоли ғарбии Ҷумҳурии Мардумии Чин зиндагӣ мекунанд.

Оид ба давраи аҳди бостони забонҳои помирӣ, ки онҳо ба ақвоми ориёинажод тааллуқ доранд, аз гӯишҳои сакоӣ (скифӣ)-хутанӣ маншаъ гирифтани онҳо собит шудааст. Лекин бархе аз забоншиносон ақида доранд, ки қабл аз қабилаҳои эронинажод дар минтақаи Ҳиндукуши Шарқӣ ақвоми бумии дигаре низ сукунат доштаанд, ки аз ҷумлаи боқимондаи гӯишҳои онҳо забони буришкӣ ва кҳовар ҳанӯз ҳам мустаъмал мебошанд (Мирбобоев, 59).

Бо вуҷуди ин иддао агар мо ба сайри таърихии ақвоми сакоӣ ва интишори гӯишҳои онҳо таваҷҷуҳ намоем, равшан мегардад, ки: «сакские языки и диалекты, занимавшие в древности очень большую территорию, представлены в настоящее время в Средней Азии памирскими языками» (Лившиц, 140) ва тадриҷан ворисони онҳо, яъне соҳибони забонҳои помирӣ ба Помир на аз як минтақа (Эделман, 73), балки аз самтҳои мухталиф: аз шарқ, аз шимоли шарқӣ, аз ғарб ва аз шимоли ғарбӣ мавҷосо ва дар вақтҳои гуногун ба маҳалли сукунати кунуниашон–Помир омада ва тадриҷан муқимӣ шудаанд. Танҳо сарикӯлиҳо дар ватани аҷдодиашон–Помири шарқӣ (шояд андаке аз вахониҳое, ки муқими Тошқӯрғонанд) боқӣ монданду халос.

Бо вуҷуди таҷзияи забони мабдаи эронӣ, лекин қаробати генетикӣ, аз як тараф ва ҳодисаи конверсияи (мушобеҳати савтӣ – К.Х.) баъдӣ (Додихудоев, 1975, 24), аз ҷониби дигар, боиси ба миён омадани иттиҳоди забонӣ ва истилоҳҳои «забонҳои помирӣ» ва «гурӯҳи забонҳои помирӣ» гардид (Мирбобоев, 61-62).

Бояд қайд намуд, ки гарчи байни зергурӯҳҳои забонҳои помирӣ умумияти зиёде ба назар расад, лекин забони сарикӯлӣ нисбат ба ҳамгурӯҳҳои худ – шуғнонӣ, рушонӣ, бартангӣ, рошорвӣ на танҳо аз лиҳози мавқеияти ҷуғрофӣ, балки аз ҷиҳати хусусиятҳои луғавию овоӣ ва ҳатто аз нигоҳи баъзе вижагиҳои наҳвӣ низ бештар фарқ мекунад.

Ҳатто забоншинос В.С. Соколова бо корбурди усули таҳлили глоттохронологии (забониву замонӣ) сад калима замони таҷзия ё аз ҳам ҷудошавии забонҳои шуғнонӣ ва язғуломиро 1300-1400 сол қабл (Соколова 1967, 123), язгуломӣ ва мунҷониро 2030 сол қабл, шуғнонӣ ва мунҷониро 1970 сол қабл, ишкошимӣ ва язғуломиро 2580 сол қабл, ишкошимиву шуғнонӣ ва ҳамчунин ишкошимӣ ва мунҷониро 2300 сол қабл (1973, 218-231) муқаррар намудааст (Эделман, 79; Лашкарбеков, 5-6). Лекин забоншинос Д.И. Эделман парокандагӣ ва дар

*Кабиров Х. – докторант Таджикского национального университета.

шароиту муҳити бисёрзабонӣ, таъсиру иқтибосшаваии луғавии забонҳоро мадди назар гирифта, дақиқии солҳои муайяннамудаи В.С. Соколоваро зери суол қарор додааст (Эделман, 79) ва воқеан ҳам, шубҳаи Д.И. Эделман беасос нест, зеро ки дар минтақаи Помиру Ҳиндукуш забонҳои зиёде роиҷ буда, аз лиҳози сохтор ва сарфу наҳв мухталифанд, лекин ҳамзистии ин забонҳо, ки, ба таъбири И.И. Зарубин, «калобаи забонҳо»-ро мемонад, таъсири мутақобилаи забонҳои ин минтақаро вусъат бахшида, байни онҳо умумиятҳои муайян ба миён омадааст (Мирбобоев, 62) ва ин таъсири мутақобила, хусусан дар бахши лексика, назаррас мебошад.

Минбаъд забонҳои помирӣ, вобаста ба мавқеияти ҷуғрофӣ ва муҳити забонӣ, тадриҷан ташаккул ёфта, бо вижагиҳои хосси худ устувор гардиданд. Хоссатан, сарнавишти забони вахонӣ, ки баъди забони шуғнонӣ нуфуси бештарро дар бар мегирад, печида буда, пас аз таҷзияи иттиҳоди (умумияти) сако-вахонӣ ба ду шоха: хутанӣ-сакоӣ ва вахонӣ ҷудо шуда ва вахониҳо ба сурати пароканда дар минтақҳои мухталиф маскан гузиданд, ки теъдоди бештари онҳо ҳоло дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, миқдори дигараш дар Бадахшони Афғонистон, шумораи муайяни онҳо дар вилоятҳои шимолии Покистон (Чатрор, Гилгит, Ишқоман, 19 водии Шингшол) ва ҳамчунин дар «ҳудуди 26 ҳазор нафари онҳо» (Лашкарбеков) дар Ҷумҳурии Мардумии Чин зиндагӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҷараёни ташаккули умумияти забонию этникии (этнолингвистии) халқҳои помиризабон дар тӯли таърих буғранҷу ноҳамвор буда ва ин раванд дар охири асри XIX ва ибтидои қарни XX боз ҳам мураккаб мегардад ва ин ба кашмокашу табартақсимкунии (истилоҳи (академик Р. Масов) ин минтақа аз тарафи мустамликадорон: Россияи подшоҳӣ, Британияи Кабир ва Чин вобаста буда ва вазъи забонҳои помириро аз ин давра ба баъд забоншинос Б. Лашкарбеков ба се марҳала ҷудо намудааст: I – давраи ҳукмронии мустамликадорон; II – давраи шӯравӣ; III – давраи баъди шӯравӣ (Лашкарбеков, 6).

Тавре зикр шуд, ба асоси шартномаи соли 1895 байни се кишвари зикршуда ва дар асари амали табартақсим, вахониҳо, ишкошимиҳо, шуғнониҳо, рушониҳо ва дарвозиҳо, ки таърихан дар ду соҳили дарёи Панҷ умр ба сар мебурданд, баъди дар моҳи январи соли 1896 аз тарафи Николаи I тасдиқ гардидани хатти сарҳадди империяи Россия дар Помир, яъне дарёи Панҷро хатти сарҳад муқаррар намудан, соҳили рости он ба итоати Россияи подшоҳӣ ва соҳили чапи он ба тобеияти Афғонистон қарор гирифтанд.

Қисмати Помири Шарқӣ, ки дар он ҷо сарикӯлиҳо ва теъдоде аз вахониҳо зиндагӣ мекунанд, тобеи Чин гардиданд. Вахониҳое, ки то ин марҳалаи тақдирсоз дар шимоли Покистон сукунат доштанд, ба ҳоли худ, дур аз ватани аҷдодӣ боқӣ монданд.

Воқеан, бо иваз шудани сохти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҳаёти ин халқиятҳои парешоншуда ба тадриҷ тағйироту таҳаввулот дар фарҳанги моддиву маънавии эшон, аз ҷумла, дар расму оин, анъанот, сару либос мусиқиву рақсу суруд ва ғ. сурат мегирад.

Албатта, ин амали нооқилона ва фоҷиабор боиси минбаъд канда шудани алоқаву робитаи байни ҳамқавмҳо шуд.

Ҳамин тариқ, тоҷикони ҳар ду тарафи ин сарҳад дар як мижа задан барои якдигар «берунмарзӣ» шуда ва дар замони шӯравӣ марзи мазкур ба хатти касногузар табдил ёфт.

Ба забони ин халқиятҳо бошад, вобаста ба он ки дар ҳудуди кадом кишвар қарор гирифтаанд, забони давлатӣ ва ё худ забони нуфуздоштаи он кишвар мустақиман таъсиргузор шуданд. Ба ифодаи дигар, ба забонҳои помирии дар қаламрави Тоҷикистони кунунӣ қарордошта таъсири забонҳои тоҷикиву русӣ, дар Афғонистон таъсири забони дарӣ ва каму беш забонҳои пуштуву англисӣ ва дар Чин таъсири забони уйғурӣ ва андаке чинӣ сурат гирифта, тадриҷан ҳодисаи субстрати забонӣ ва ҳамчунон фарҳангиву этникиро ба миён овард.

Забони сарикӯлӣ ба номи топоними Сарикӯл мансуб буда, ин водӣ дар баландкӯҳи Помири Шарқӣ қарор дошта ва аз нигоҳи маъмурӣ, идорӣ ва ҷуғрофӣ ба Ноҳияи худмухтори

Синсзяну Уйғури (НХСУ) ҶМЧ дохил мешавад. Маркази ноҳия шаҳраки Тошқӯрғон мебошад. Месазад таъкид кард, ки бостоншиноси шинохта Г.М. Майтдинова дар мақолааш «Государства Кирпанд: миф или реальность?» бо асноду далелҳо собит менамояд, ки: «Современный Ташкурган – центр Автономного Таджикского района СУАР Китая – было первоначальной столицей Кирпанда и ядром складывавшейся могущественной империи. Составной частью кирпандского государства в тот период являлась земля Ярканда» (Майтдинова, 85).

Тоҷикони маҳаллӣ нисбат ба ин водӣ истилоҳи ***сарикӯ(х)ӣ*** ва уйғурон бошанд, онҳоро ***сариқорӣ*** ё ***сариқирӣ*** (ба маънои сари барфӣ) ном мебаранд (Бобохонов, 275).

Оид ба топоними мазкур академик Б. Искандаров андешаи Гордонро қобили эътибор дониста, чунин иброз медорад: «Что касается происхождения слова сарыкол, то по этому поводу Гордон, посетивший эти районы, высказал следующее предположение (ссылаясь на сообщение Хасаншо, местного правителя): слово сарыкол таджикского происхождения и обозначает сары-кух, т.е. вершина горы. Это мнение заслуживает внимания. Но есть и другое предположение, в частности жители Западного Памира считают, что это слово произошло от названия самой местности над озером Сарыкол (Виктория). Некоторые считают, что слово сарыкол происходит от слово «сарык»- желтый и «кол» (куль)–озеро, широкая долина (по киргизски) (Искандаров, 105-106).

Агар ба гунаҳои ин топоним таваҷҷуҳ намоем, чанд мухолифат ба назар мерасад.

Гарчи мардуми маҳаллӣ онро Сарикӯ(х)ӣ ном баранд ҳам, лекин аз лиҳози мавқеъ он дар сари кӯҳ не, балки дар иҳотаи чаҳор кӯҳ чун водӣ қарор дорад на дар сари кӯҳ, аз ин рӯ ин ном (Сарикӯҳ) шубҳаро ба миён меорад.

Уйғурон онро Сариқорӣ ё Сариқирӣ ба маънии сари барфӣ истифода мекунанд, ки ин низ, ба андешаи мо, ҳеҷ ба ҳақиқат наздик нест, зеро ибораи ***сари барфӣ*** худ бамаънист.Ба андешаи мо, топоними Сарикӯл ба воқеият наздик аст, зеро ки дар шимоли шарқии ин водӣ ду кӯл: Булункӯл (бо ҳамин ном мавзеъ низ вуҷуд дорад), ки онро Суанбар (анбори об) низ меноманд, кӯли хеле калон қарор дошта, умқи он 28 м. буда ва кӯли нисбатан хурдтари дигар Қаракӯл вуҷуд дорад. Дар забони русӣ бошад, шакли Сарыколро гирифтааст ва беҳтар аст, ки Сары***кул*** сабт гардад, зеро ки вожаи ***кол*** дар забони сарикӯли ***сар*** (голова)-ро ифода мекунад, пас яъне сарисар, ки аз минтиқ дур аст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло топоними Сарикӯл (сарикӯлӣ) ба мавқеияти онҳо мувофиқ мебошад.

Тоҷикони маҳаллӣ Тошқӯрғонро Варшиде (*варш* шакли тағйиркардаи varz-баланд, баландӣ ва деҳ аз вожаи daћyu-деҳа ташкил шуда, яъне деҳаи баланд) ном мебаранд ва чиниён бошанд, Тошқӯрғонро Пулӣ мегӯянд.

Ҷойи зикр аст, ки оид ба таъриху фарҳанги тоҷикони Чин олимону русу аврупо як силсила тадқиқот анҷом додаанд ва аксарияти онҳо то охирҳои асри XX сурат гирифтааст. Лекин оид ба забони сарикӯлӣ маълумотҳо андаке буда, тавре ки дар муқаддима зикр кардем, онҳо низ оид ба вижагиҳои савтиву дастурии (фонетикиву грамматикии) забони сарикӯлӣ баҳс намуда, пажӯҳиши қабатҳои лексикӣ ва ҷанбаҳои сотсиолингвистиву этнолингвистии он дар муҳити бисёрзабонӣ дар канор мондааст.

Аз осори илмии оид ба забони сарикӯлӣ бахшидашуда бармеояд, ки забони мазкур ба гурӯҳи забонҳои шуғниву рӯшонӣ мансуб буда, вале бо мурури замон ва мавқеият, яъне дур афтодан аз ҳамгурӯҳҳои худ бо тағйиротҳои назаррасе дар истифодаи тоҷикони Чин боқӣ мондааст. Лекин бо сабаби он ки сарикӯлиҳо бо вахонизабонҳо дар як минтақа сукунат доранд, бинобар ин забони сарикӯлӣ баъзе вижагиҳои забони вахониро пазируфтааст. Забони сарикӯлӣ ба гурӯҳи забонҳои бехатти эронӣ дохил мешавад. Матбуот, таълимоти миёнаву олӣ, радиову телевизион ба забонҳои уйғуриву чинӣ сурат мегирад. Тоҷикони сарикӯлӣ забони модариро дар муҳити хонаводагӣ ва тавассути эҷодиёти

шифоҳии халқ (фолклор) омӯхта, аз насл ба насл интиқол медиҳанд.

**О ПРОИСХОЖДЕНИИ ТАДЖИКОВ САРЫКОЛА И ТОПОНИМА САРЫКОЛА**

***Ключевые слова:*** сакские племена, памирские языки, ареал Восточного Гиндукуша, генетическое отношение, топоним Сарыкола.

В данной статье рассматривается процесс распространения сакских племён и происхождения сарыкольских таджиков. Также анализируется топоним Сарыкола и сарикольский язык, который относится к шугнано-рушанской подгруппе и входит в этнолингвистичкском ареале Восточного Гиндукуша. Сарыколский язык является беcписменным. Школа, печать и СМИ – на уйгурском и частично на китайском языках.

**ABOUT THE ORIGIN OF SARIKOL'S TAJIKS AND SARIKOL'S TOPONIMS**

***Keywords:*** Saks's tribes, Pamir's languages, he South Gindukush's areal, genetic relation, Sarikol's Toponims.

The article denoted to the origin of Sarikol's Tajiks and its toponims. The author of the article noted that the science work about Sarikol's languange came to conclusions that this languange is belong to the groups of Shugnon's and Rushon's languages, but after a time and situation it became far from its groups with a lot of changes. This is remained and used bu Chinese' tajiks now. Sarikol's language is a part of iranian language which has not an alphabet. The press, the secondary and high schols, mass media and television are spoke in Chinese and uigur's languages.

# ЧАШМАНДОЗЕ БА ТАЪРИХИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК



**Шукуров Г.Х.***

Мақоми забони адабии тоҷик аз замони пайдоиш то имрӯз ҳамеша усутвор буда, новобаста аз вазъи иҷтимоиву сиёсӣ арзиши аслии хешро аз даст надодааст. Зеро дар масири таърих мардуми эронитабор аз ҷумла тоҷикон ҳамеша кӯшидаанд, наслҳоро тавассути забони худ, пайванд диҳанд ва аз талафёбӣ ҳифз намоянд.

Ташаккули забони адабии тоҷик дар таърихи миллати точик ба ҳаводису воқеаҳои иҷтимоӣ ва ташаккули макотиби забоншиносӣ дар Шарқ, махсусан дар сарзамини эронитаборон алоқамандии зиёд дорад. Тибқи нишондод ва далелҳои раднопазири аксар муҳақиқон, муаррихон ва донишмандони дунё замони салтанати Сомониён барои миллати тоҷик- асри тиллоӣ, асри ташаккул ба ҳисоб меравад. Замонест, ки забони адабии тоҷик шакл гирифтааст. Шаклгирии забони адабии тоҷик, пас аз ташаккули тоҷикон ҳамчун миллат анҷом пазируфтааст.

Забони адабии тоҷик дар ибтидои ташаккул ба муқовимати ва таҳмили иҷбории арабҳо, ки сарзамини аҷдодии моро ишғол намуда буданд, дучор гардид. Онҳо мекӯшиданд, ки бо баҳонаи ҷорӣ намудани дини ислом, забони арабиро маҷбуран ба мардуми маҳаллӣ омӯзанд. Ин амал алабатта ба муқовимати мардуми эронинажод мувоҷеҳ шуд. Шояд яке аз заминаҳои рушди забони адабӣ дар ин даврон муқовимати тарафайни мардум бо арабҳо буд. Бино ба иттилои Наршахӣ **“Аҳли Бухоро дар аввали ислом Қуръонро форсӣ хонданӣ ва намозро дар қироати форсӣ адо карданд” (Аз Таърихи Наршахӣ)[1].** Ба андешаи Брагинсикий зуҳури забони форсии тоҷикӣ зарурати таърихӣ буд. Зеро дар ҳудуди Эрон забони арабӣ бо нуфузи худ наметавонист, эҳтиёҷоти мардуми маҳаллиро бароварда кунад[2]. Бо гузаши қариб аз 200 сол мардуми Эрони бузург (Мовароуннахру Хуросон) дар муқовимат бо арабҳо тавонистанд давлати худро ташкил намуда, сарзамин ва забону фарҳанги худро ҳифз кунанд. Сулолае, ки дар ин масир хидмати бебаҳо намуд, Сомониён буданд. “**Ҳукумати маҳалии Сомониён, ки аз ҳар ҷиҳат қомат рост карда буд, чи дар давраҳои мубориздаи худ барои истиқлолияти давлатӣ ва чи баъд аз ғалабаи қатъии худ ба забони оммаи асосӣ муроҷиат накарда ва забони зиндаи халқро ҳамчун аслиҳаи мубориза ва муомилаи ҷамъиятӣ қабул ва истифода накарда наметавонист. Дар айни ҳол ҳукуматдорони сомонӣ, ки дар роҳи минбаъдаи мустаҳкам нигоҳ доштани давлати нашъунамоёфта аз ҳамқабилаҳои худ умедвори ёрӣ ва мададрасонӣ буданд, барои тараққиёти**

*Шукуров Г.Х. – дотсенти кафедраи забон ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

[1] Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб Ҷ.2. Душанбе: Ирфон, 1980. С. 10.
[2] Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб Ҷ.2. Душанбе: Ирфон, 1980. С. 17.

**забон ва адабиёти маҳаллӣ - тоҷикӣ имконияти калоне доданд”[1].**

Бо гузашти вақт доираи забони форсии тоҷикӣ тавсеа меёбад ва корбурди он дар тамоми соҳаҳо доман паҳн мекунад. Сабаби ин шароити мувофиқ ва муносиби таърихӣ буд. Маҳз дар ин шароит адабиёти оламшумули форсии тоҷикӣ зуҳур мекунад ва беҳтарин ва нобиғатарин донишмандон ва адибону шоирон бо ин забон асарҳо меофаранд. Нақши ин шахсиятҳои таърихӣ дар поягузорӣ ва ташаккулу рушди забони адабии тоҷик хеле муҳим ва барҷаста аст. **“Ин аст, ки таърихи забон ва адабиёти мо ҳақдор аст, ки асосгузори маъруфи назми классикии тоҷик Рӯдакиро мураббӣ ва сардафтари забони адабии тоҷик номад”[2]**.

Забони адабии тоҷик баробари ҳаёти иҷтимоӣ зина ба зина такомул меёфт ва дар соҳаҳои гуногун мавқеи устувор касб мекард. Ба забони адабӣ вожа ва истилоҳоти нав ворид мегардиданд ва ҷои вожаҳои кӯҳанро иваз мекарданд. **“Барои исботи ҳукми анҷоми ташаккули забони адабӣ, имконоти услубӣ, луғавӣ ва грамматикӣ, нерӯ ва тавоноии он дар бахшҳои гуногуни забон метавон ба мисолҳо рӯ овард”**. Пеш аз ҳама дар бобати истифодаи калимаҳо: нигорин, гулгун, некбахт, гуфтор, сияҳчашм, коло, нағз, мағз, даст, ситора, осмон, пос, роғ, рост, сада, тарозу, булбул, бозу, танӯр, посӯх, гуфтан, рафтан, дидан, зистан, фармудан, хондан, кофтан, шаб, замин, рӯз, ҳурнажод, ғолиябӯй ва ҳоказо. Ин калимаҳо барои ҳама фаҳмову гӯшнавоз ва дақиқмаъноанд[3].

Аз ин сабаб вожасозӣ аз муҳимтарин омилҳои такомул ва рушди забони адабӣ дар ин даврон буд, ки дар ғановати луғавии забони форсии тоҷикӣ мусоидат намуда буд. Шахсиятҳои фарҳангие мисли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ дар ин раванди тақдирсоз барои забони форсии тоҷикӣ нақши махсус ва такрорнопазир доштанд. Беҳуда Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” ишора намекунад:

Басе ранҷ бурдам дар ин соли сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Ташаккул ва рушду густариши забони адабии тоҷикро профессор Қосимова М.Н., дақиқ гурӯҳбандӣ намуда, онро ба ду давра ҷудо мекунад:

I. Давраи аввал, ки он аз асри IX оғоз мешавад ва то ибтидои асри XX -ро дар бар мегирад. Ҳамзамон ин давра ба ду марҳила ҷудо мешавад:

1. Марҳилаи аввал, ки аз 4- зина иборат аст.
2. Марҳилаи дуюм, ки аз ду зина иборат аст.

II. Давраи дуюм фарогири солҳои 20 уми садаи XX то садаи XXI[4].

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ аввалин нафаре, ки ба тадқиқи забони тоҷикӣ таваҷҷӯҳ намудааст олими рус В.В. Григорьев аст. Ӯ дар мақолаи худ соли 1861 таҳти унвони «Обозрение диалектолический отличий употребительного у бухарских таджиков персидского языка» доир ба вижагиҳои лаҳҷавии тоҷикон дар Бухоро маълумоти нодир додаст. Тадқиқи минбаъдаи забони тоҷикӣ бештар ба донишмандони шӯравӣ таaллуқ дошт. Забоншиноси забардаст Носирҷон Маъсумӣ андешае дорад, ки ҳақиқати таърихиро дар бораи забони адабии тоҷик шарқшиносони шӯравӣ ошкор кардаанд ва шарқшиносони буржуазии Аврупо пажӯҳишҳои яктарафа доштанд ва Эрони имрӯзаро бештар соҳиби тамаддун ва фарҳанг медонистанд. Аз қораи Осиёи Марказӣ фаромӯш карда буданд[5]. Ин андеша дар замони худ арзиши баланди илмӣ дошт, вале имрӯз бо сабаби бозёфтҳои нав дар илми забоншиносии тоҷик, то ҳадде таҳаввул ёфтааст. Зеро арзишҳои фарҳангии Эрониҳоро шӯравӣ низ вобаста ба сиёсату идеологияи хеш баррасӣ мекард. Камтарин олимони шӯравӣ дар ошкорсозии ҳақиқат дар бораи забони форсӣ – тоҷикӣ кӯшидаанд. Мисоли зиндаи он тақсимсозии забони ягонаи эронитаборон – форсӣ ба тоҷикию дарию форсӣ. Онҳо низ ба ин умқи ин масъала сарфаҳм нарафта буданд ва ё

[1] Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб Ҷ.2. Душанбе: Ирфон, 1980. С. 10.
[2] Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб Ҷ.2. Душанбе: Ирфон, 1980. С. 10.
[3] Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Қисми 1. Душанбе. С. 10.
[4] Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Қисми 1. Душанбе. С. 31-40.
[5] Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб Ҷ.2. Душанбе: Ирфон,1980. С. 25.

таҳти таъсири сиёсат хеш аз ягонагии он ҳарфе намезаданд. Олимони Аврупо бо сабаби дастрасии комил ба Осиёи Марказӣ надоштан ва имкони ахборҷамъкунии мушаххасро дар ихтиёр надоштан ҳамаи дастовардҳои забони форсии тоҷикиро ба қисмати Эрони имрӯз мансуб медонистанд. Ин раванд то ҷое бар зарари форсизабонон ҳал шуд. Зеро бо ҳар роҳ олимоне, ки таҳтушшуои сиёсат ҳарф мезаданд, аз асли ҳақиқат дур мешуданд ва аз мавҷудияти забони форсии тоҷикӣ инкор мекарданд.

Тадқиқоте, ки то замони мо сурат гирифтааст, вобаста ба шароити таърихӣ ва фаҳму дарки муҳақиқон то андозае масъалаи забони адабии тоҷик равшан сохтаанд, вале то кунун нофаҳмиҳо ва норавшаниҳо дар ин масъала мавҷуд аст ва ниёз ба тадқиқоти ҷиддӣ дорад.

## ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ КЛАССИЧЕСКОГО ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

***Ключевые слова:*** таджиский язык, история, классика.

В статье подвергается анализу история классического таджикского языка.

## LOOK AT THE HISTORY OF THE TAJIK LANGUAGE CLASSIC

***Keywords:*** tadzhisky language, history, classic.

The paper is analyzed the history of classical Tajik language.

# МИНБАРИ МУҚАРРИЗОН
# ТРИБУНА РЕЦЕНЗЕНТОВ





## ТАҚРИЗ

**ба китоби «ТОҶИКОН: аз давлати Сомониён то давлати соҳибистиқлол (таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ). – СПб.: «Реноме», 2014. – 287 с. (бо забони русӣ)» сардори Академияи ВКД, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои ҳақиқии Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ, генерал-майори милитсия Зоиров Ҷурахон Маҷидович (Маҷидзода Ҷ.З.)**

**Назаров Н.Ҷ.,[*]**
**Мирзоев С.Б.,[**]**
**Абдуллоев Р.С.[***]**

Чанде қабл нашриёти «Реноме»-и ш. Санкт-Петербурги Федератсияи Россия китоби олими шинохта-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, генерал-майори милитсия Маҷидзода Ҷурахон Зоирро ба забони русӣ аз чоп баровард, ки дар ташвиқу тарғиби таъриху тамаддун ва анъанаҳои давлатдории тоҷикон нақши босазо хоҳад гузошт. Ба асари мазкур доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи ВКД Федератсияи Россия дар ш. Санкт-Петербург, Ходими хизматнишондодаи илми Россия Ю.Е. Аврутин тақриз навишта аст.

Андешаи навиштани китоб дар бораи таърихи давлат ва ҳуқуқи халқи тоҷик ба сари муаллиф баъд аз шунидани суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар конференсияи илмӣ бахшида ба 1100-солагии ташкилёбиии давлати Сомониён дар ш. Санкт-Петербург дар моҳи апрели соли 1999 пайдо гардид. Муаллиф баъд аз анҷом додани тадқиқотҳои зарурӣ асари «Тоҷикистон: аз давлати Сомониён то давлати соҳибистиқлол»-ро дар соли 2003 ба нашр омода намуд. Китоби нав ба нашр расида идомаи мантиқии ҷидду ҷаҳди илмии муаллиф барои равшан намудани саҳифаҳои баҳсталаби таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад.

Қабл аз баҳодиҳӣ ба муҳтавои китоб бояд қайд намуд, ки муаллиф диққати асосиро ба чор давраи муҳимми таърихи ташаккулёбӣ ва рушди давлатдории тоҷикон-давлати Сомониён, вуруди Россияи подшоҳӣ ба Осиёи Марказӣ ва сиёсати миллии он,

---

[*]Назаров Н.Ҷ. – сардори факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, у низ муовини сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия.
[**]Мирзоев С.Б. – ёрдамчии сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия.
[***]Абдуллоев Р.С. – ходими калони илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

давраи сохтмони низоми давлатдории шуравӣ ва давраи рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон равона намуда, вижагиҳои зуҳур ва рушди низоми давлатдорӣ, сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии давлатдорӣ, тартиби ташаккул ва фаъолияти мақомоти давлат ва масъалаҳои вобаста ба онҳоро баррасӣ намуда аст.

Зарурияти таълифи асари мазкурро муаллиф дар он мебинад, ки пас аз нашр гардидани рисолаи «Тоҷикистон: аз давлати Сомониён то давлати соҳибистиқлол» дар соли 2003 таваҷҷуҳи ҷомеаи илмии Тоҷикистон ва Россия ба мавзӯи ҷанбаҳои ҳуқуқии ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷикон зиёд гардид. Олимону муҳаққиқони кишвар ва давлатҳои хориҷӣ ба ин мавзӯи муҳим мароқ зоҳир намуда, барои беҳтар гардидани муқтавои китоб пешниҳодҳои муфид намуданд. Илова бар ин, муҳокимаи рисола дар марказҳои илмӣ ва дар байни олимони соҳаи ҳуқуқ ва таърих нишон дод, ки дар доираҳои илмии кишварҳои хориҷӣ ҳодиса ва равандҳои таърихӣ-ҳуқуқии дар китоб баррасӣ гардида, яксон арзёбӣ ва баррасӣ нагардиданд, дар баробари арзёбии мусбӣ эроду назарҳои танқидӣ низ ҷой доштанд. Аслан чунин баррасии мавзӯи таърихи ташаккули низоми давлатдории тоҷикон амри тасодуфӣ нест, зеро таърихи ташаккул ва рушди миллати тоҷик ва дигар миллатҳои Осиёи Марказӣ мураккаб ва печида буда, ба равандҳои сиёсии муосири кишварҳои минтақа робитаи ногусастанӣ доранд.

Ба қавли худи муаллиф пешниҳоду эродҳо, аз як тараф ва таҷрибаи сохтмони ҳуқуқӣ конститутсионӣ дар Тоҷикистон ӯро маҷбур сохтанд ба ин мавзӯи таҳқиқгардида, ба андешаҳо ва хулосаҳои собитгардида, ки бештари онҳо баҳсҳои илмиро ба миён меоварданд, боз аз нав муроҷиат намояд. Такони ҷиддӣ барои таҳияи китоби нав зарурияти омӯзиш ва баррасии амиқи таърихи ташаккулёбии давлатдории тоҷикон, ба хусус замони мавҷудияти давлати Сомониён буд, зеро ин замони пурифтихори тоҷикон равшантарин саҳифаи таърихи давлат ва ҳуқуқи халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар давраи ҳукмронии сулолаи Сомониён раванди мутаҳҳид гардидани халқҳои форсизабон ва минтақаи васеи Осиёи Марказӣ, ки ба ҳайати он дар он давра ҳудуди Афғонистони муосир ва Эрони Шарқӣ дохил мегардид оғоз гардид, ки натиҷаи он ҳамчун халқият ташаккул ёфтани тоҷикон, рушди беназири забон ва фарҳанги халқи тоҷик буд.

Замони Сомониён натанҳо давраи муттаҳид гардидани халқҳои форсизабон, балки давраи боло рафтани таъсири аҳолии туркзабон, ки берун аз ҳудуди Дашти Қипчок паҳн гардида, бо сокинони қадимаи ин минтақа-қабилаҳои эронии шарқӣ омехта гаштанд ва ё онҳоро аз байн бурданд. Ҳамзамон дар ин давра раванди дар водиҳои обёришавандаи Мовароҳуннаҳр маскун гардидани қабилаҳои турктабори даштиқипчоқӣ оғоз гардида буд.

Пайомади муҳимми сиёсии аҳди Сомониён барқарор гардидани мутлақияти феодалии муттамарказ ба шумор мерафт, ки он то давраи ҳукмронии охирин амирони Бухоро боқӣ монда буд. Қобили қайд аст, ки новобаста ба мавҷудияти даҳҳо давлатҳои хурду бузург дар Осиёи Марказӣ дар тӯли қариб ҳазорсолаи баъд аз байн рафтани давлати Сомониён тамоми сарварони онҳо унвони «амир»-ро доштанд.

Дар бораи давлати Сомониён ва замони онҳо олимони соҳаҳои гуногуни илм – таърих, мардумшиносӣ, фалсафа, ҳуқуқ ва ғ. тадқиқот анҷом додаанд. Бештари ин таҳқиқот шукуҳу азамат, иқтидор ва хизмати бесобиқаи амирони Сомониро барои тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ эътироф намуданд. Олими намоёни рус, муҳаққиқи таърихи равобити Россия ва қабилаҳои туркзабони Дашти Қипчоқ Л.Н. Гумилев дар асари худ «Руси қадим ва Дашти бузург» менависад: «Дар Осиёи Марказӣ хокимият ба дасти Сомониёни равшанфикр, сарпарастони шаҳрҳо, ва ҳамчунин тиҷорати байналмилалӣ гузашт. Дар соли 900 Исмоили Сомонӣ давлати Алиёни воқеъ дар минтақаҳои ҷанубии баҳри Хазарро шикаст дода, иттифоқчии давлати яҳудтабори Хазарҳо гардид, ки бо сиёсати фаъоли хориҷӣ ва фарҳанги пешрафтаи худ шӯҳрат дошт. Вале вазъият дар ин

давлати пуриқтидор хеле мураккаб буд. Дар тӯли ҳукмронии 150 солаи Аббосиён дар Осиёи Марказӣ ва Эрон аҷдоди арабҳо, форсҳо, суғдиҳо ва қисман парфиягиҳо тавонистанд ба шароитҳои нав мутобиқ гарданд ва то асри X ба халқияти воҳиди тоҷик табдил ёбанд… Берун аз марказҳои давлат туркҳо зиндагӣ доштанд, ки мусулмон шуда буданд. Дар соли 960 карлуқҳо ислом оварданд, пас аз онҳо-чигитҳои ҷанговар ва явмҳои ҷасур. Ин амал боиси таваҷҷуҳи бештари руҳониёни суннимазҳаб нисбат ба онҳо гардида буд, ки аз озодандешии Сомониён ҳарос доштанд… Дар соли 999 ба Сомониён ҳама хиёнат карданд: нӯкарони турк, руҳониён, шаҳриёни Бухоро…»

Муаллиф таъкид менамояд, ки нообаста ба мавҷудияти адабиёти гуногунсоҳа дар бораи таърихи давлатдории тоҷикон, дар назди олимон вазифаи бузурги омӯзиш ва баррасии масъалаҳои вобаста ба таърихи давлати Сомониён, таърихи ташаккул ва рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад. Таҳқиқи илмии ҷанбаҳои гуногуни давлатдории тоҷикон, арзёбии ҳуқуқии он ва сайри таърихи сарнавишти миллат имконият фароҳам месозад, ки сарчашма ва заминаҳои пайдоиши дигар халқҳои Осиёи Марказӣ дарк карда шаванд. Омузиши ҳамаҷонибаи ин раванд дар замони муосир аҳамияти калони илмӣ дорад, зеро чанд аср пас аз ташаккулёбии халқи тоҷик, масалан раванди ташаккулёбии халқи узбек идома дошт, ки дар натиҷа бештари ҳудуди таърихии ташаккулёбии тоҷикон, марказҳои асосии таърихи моддӣ ва маънавии миллат-Бухоро, Самарқанд ва шаҳрҳои дигари тоҷикон ба миллати ҳамсоя хизмат намуданд.

Аҳамияти фавқулоддаи мавзӯъ зарурияти вусъат додани омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни онро аз тарафи олимони соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла таърих, фалсафа, ҳуқуқ, фалсафаи иҷтимоӣ, назарияи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститусионӣ, сотсиология, политология ва ғ. ба миён меорад. Чунин муносибат, ба қавли Маҷидзода Ҷ.З. натанҳо дуруст, балки ниҳоят зарур аст, зеро дар рисола муаллиф кӯшиш намудааст, ки раванди мураккаб ва пурихтилофи ташаккулёбӣ ва муайян гардидани ҳудуди давлатдории миллии тоҷикро дар замони Сомониён, баъдтар ба вуҷуд омадани заминаҳои зарурӣ дар ҳайати империяи Россия, дар ҳайати давлати паҳновари Шӯравӣ ва дар замони муосир нишон дода шавад.

Муаллиф пас аз баррасии таърихи ғании халқи тоҷик ба хулоса омадааст, ки дар шароити муосири ҳаёти ҷамъиятӣ, халқи тоҷик анъанаҳои бои фарҳанги миллии худро ҳифз менамояд ва аз таърихи гузаштаи худ ифтихор дорад. Ба он нигоҳ накарда, ки қисми бузурги фарҳанги моддии миллат берун аз марказҳои ҷумҳурӣ боқӣ монданд, ҳеҷ кас ҳуқуқи аз худ кардани таърихи моро надорад ва барои расидан ба мақсадҳои сиёсии худ наметавонад ҳофизаи таърихии моро «пок» созад.

Пас аз ташкил ёфтани давлати шуъравӣ олимон маҷмуаи васеи манбаъ ва сарчашмаҳои таърихиро дар бораи таърихи гузаштаи халқҳои Осиёи Марказӣ омӯхта, намунаҳои барҷастаи мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқиро бо истифода бо усулҳои замонавии таҳқиқ баррасӣ ва арзёбӣ намуданд. Аз солҳои 20-уми қарни гузашта олимони намоён В.В. Бартолд, А.А. Семенов, М.С. Андреев, А.Ю. Якубовский, А.П. Шишов, Н.В. Ханыков, А.Г. Серебренникова ва даҳҳо олимони дигар таҳқиқотҳои муҳимро доир ба таърихи гузаштаи халқи тоҷик ба анчом расониданд.

Дар шароити ҳозира Тоҷикистон, Россия ва дигар кишварҳо мероси бои гузаштагон ва таҳқиқотҳои олимони замони Россияи подшоҳӣ ва шуравиро доир ба таърих ва таърихи ҳуқуқ ва давлати тоҷикро аз нуқтаи назари нав ва вазъияти нави баамаломада омӯхта, дар рафти таҳқиқот сарчашмаҳо ва манбаъҳои нави таърихиро пайдо менамояд ва дар гӯшаву канорҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафриётҳои бостоншиносӣ мегузаронанд.

Китоби нави олими шинохта Ҷ.З. Маҷидзода маҳз аз ҳамин нуктаи назар аҳамияти калони илмӣ дорад, зеро дар таҳияи он муаллиф бештар аз 200 сарчашмаҳо ва рисолаҳои таърихӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраро мавриди истифода қарор додааст.

Рисола аз VII боб иборат аст, ки дар онҳо марҳилаҳои асосии ташаккулёбии давлатдории тоҷикон баррасӣ гардидаанд. Хусусияти фарққунандаи таҳқиқоти муаллиф аз он иборат аст, ки дар **боби аввал** заминаҳои назариявии омӯзиши масъалаҳои давлатдорӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифтаанд. Аслан ба баррасии масъалаҳои назариявӣ даст задани муаллиф бори аввал нест. Қаблан олими намоёни соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар ду асари худ, ки солҳои 2002-2003 нашр гардида буданд, ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои назариявии давлат ва давлатдорӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда буд.

Ҷанбаҳои назариявии низоми давлатдориро муаллиф баррасӣ намуда,ба чанд хулосаи муҳим меояд. Вай қайд менамояд: «Низоми воҳиди ҷомеа, вуҷуд доштани соҳаҳои гуногун дар он, ки фаъолияти муштарак ва зиндагии одамонро таъмин менамояд, ба мо имконият медиҳад, ки ба давлат ҳамчун унсури ҳаёти ҷамъиятӣ, унсури муҳим ва зарурӣ дар баробари унсурҳои дигар назар намоем».

Хулосаи муҳими аввал аз он иборат аст, ки давлат наметавонад тамоми соҳаҳои воқеияти иҷтимоиро иваз намояд. Дар зиндагии ҷомеа ҳама вақт ҷузъҳое вуҷуд доранд, ки давлат ва низоми идораи он наметавонанд онҳоро ба инобат нагиранд ва бо онҳо бо мақсади таъмини манфиатҳои умумӣ ва фаъолияти мӯътадили аъзоёни он ҳамкории ногузир дошта бошанд. Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки низоми ҳокимияти давлатӣ тарафҳои дохилӣ ва берунии худро дорад ва дар ҳамоҳангӣ фаъолияти мӯътадили онро таъмин менамояд.

Хулосаи дуввуми муаллиф аз он иборат аст, ки дилхоҳ давлат бо мавҷудияти тарзи муайян - соҳибистиқлолӣ, аҳолӣ, низоми қонунгузорӣ ва ғ. яке аз шаклҳои ба вуҷуд овардани воқеияти иҷтимоӣ мебошад, ки дар ташаккули он омилҳои гуногуни таърихӣ таъсиргузор буда, ниҳодҳои ташкилдиҳандаи он аз лиҳози миқдор, сифат ва мазмун аз ҳамдигар фарқ доранд. Фақат аз рӯи моҳияти ин ниҳодҳо мо метавонем дар бораи типологияи давлат мушаххас хулоса барорем, масалан ҳамчун ҷумҳурии президентӣ ва ё парламентӣ, мутлақияти дуалистӣ ва ё парламентӣ онҳоро мушаххас намоем.

Хулосаи дигари муаллиф аз он иборат аст, ки давлат ҳамчун сохтори иҷтимоӣ наметавонад аз ҷомеа ҷудо шавад ва ё ба таври ҷудогона вуҷуд дошта бошад, зеро давлат ба таври воқеӣ дар фазои муайян бо ҷомеа ва дар чорчӯбаи низоми ҳуқуқӣ, фарҳанги моддӣ ва маънавии он вуҷуд дорад.

Боби **дуввуми** китоб «Сарчашмаҳои ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ» ном дошта, дар он хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии низоми давлатдории Сомониён мавриди баҳси илмӣ қарор ёфтаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки хусусияти хоси низоми ҳуқуқии давраи ҳукмронии Сомониён аз он иборат буд, ки дар он дар баробари меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, унсурҳои низоми ҳуқуқи авастоӣ, унсурҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи анъанавӣ истифода мегардиданд. Вай таъкид менамояд: «Таҳлили ниҳодҳои гуногуни ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки давлати Сомониён низоми ҳуқуқии худро дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наоварда буд. Дар ин давлат таҷрибаи ҳуқуқии гузаштагон ҳифз гардида, васеъ мавриди истифода қарор дошт. Дар баробари ниҳодҳо ва меъёрҳои исломӣ ин меъёрҳо дар фаъолияти муассисаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлати Сомониён дар амал истифода мешуданд». Дар китоб дар асоси мисолҳои мушаххас истифодаи меъёрҳои анъанавии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи давлатӣ, шахрвандӣ, замину об, оилавӣ, меросӣ ва ғайра нишон дода шудааст.

Боби **сеюми** китоб ба мавзӯи тақдири таърихии давлатдории тоҷикон дар партави сиёсати миллӣ ва геополитикии империяи Россия дар Осиё Марказӣ бахшида шудааст.

Боби **чоруми** китоб бошад ба мавзӯи ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷикон дар партави сохтмони давлатӣ-ҳуқуқии ИҶШС бахшида шуда, асосан дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии замони шӯравӣ навишта шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ба амал омадани тағйиротҳои бунёдӣ дар

ҳаёти халқҳои Осиёи Марказӣ, бахусус ташкилёбии давлатдории миллии шӯравии тоҷик бо ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқарор гардидани Ҳокимияти шӯравӣ зич алоқаманд мебошад.

Барои равшан сохтани заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташкилёбии давлатдории тоҷикон дар замони шӯравӣ муаллиф диққати асосиро дар ибтидо ба қабули аввалин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Давлати шӯравӣ, ташкил ёфтани ҷумҳуриҳои халқии шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ, гузаронидани тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ва дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон равона менамояд.

Мавҷудияти ҶМШС Тоҷикистонро дар солҳои 1924-1929 баррасӣ намуда, муаллиф таъкид менамояд: «Дар баробари ин, ақида дар бораи он, ки дар ҳайати Ҷумҳурии Туркистон «раванди худмуайянкунии халқи тоҷик» идома дошт ҳеҷ гуна асос надоранд, ва гӯё ин худмуайянкунӣ барои тоҷикон шароити мусоиди сохтмони хоҷагии халқ ва фарҳангиро фароҳам оварда, барои боло рафтани фаъолияти сиёсии онҳо мусоидат намуд. Аз лиҳози ҳуқуқи ва амалӣ ин раванд халқи тоҷикро фаро гирифта натавонист ва барои ҳамин ба турккунонии тоҷикони минтақа оварда расонид».

Муаллиф ба мавзӯи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҶМШС Тоҷикистон аҳамияти калон дода, қайд менамояд, ки 12 июни соли 1929 Раёсати Комитети Иҷроияи Марказии ИҶШС мурочиати ҳукумати ҶМШС Тоҷикистонро дар бораи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани ҷумҳуриро баррасӣ намуд. 5 декабри соли 1929 Анҷумани II КИМ ИҶШС қарори Анҷумани III Шӯроҳои Тоҷикистонро тасдиқ намуда, қарор қабул кард, ки амали Созишнома дар бораи ташкилёбии ИҶШС ба ҶШС Тоҷикистон паҳн карда шавад. Моҳи марти соли 1931 Анҷумани IV Шӯроҳои ИҶШС қарори КИМ-ро тасдиқ намуда, ҶШС Тоҷикистонро ба ҳайати ИҶШС қабул намуд.

Боби **панҷум** ба мавзӯи рушди давлатдории тоҷик ҳамчун омили ташкилёбии фазои геополитикӣ ва ҳуқуқии пасошӯравӣ бахшида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхӯрии ИҶШС дар музокиротҳо оид ба ташкилёбии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) фаъолона ширкат намуда, яке аз давлатҳои таъсисдиҳандаи он ба шумор меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ИДМ дар кори мақомоти олии роҳбарикунандаи он – Шӯрои сарони давлатҳо ва Шӯрои сарони ҳукуматҳо, Ассамблеяи байнипарламентӣ, Шӯрои иқтисодии ИДМ, Суди иқтисодии ИДМ ва ғ. фаъолона ширкат менамояд.

Ду боби охири китоб дар мавзӯи низои Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли сиёсии он ва амалӣ намуданиислоҳоти конститутсионӣ–ҳуқуқӣ, нақши он дар ҳалли низоъ дар кишвар бахшида шудааст. Муаллиф омилҳои асосӣ ва заминаҳои сар задани низоъ-иқтисодӣ, сиёсӣ идеологӣ ва ғ. баррасӣ намуда, ба таъсири омили мазҳабӣ диққати ҷиддӣ додааст. Махсус таъкид гардидааст, ки омили исломӣ-қисми таркибии идеологии низоъи байни тоҷикон ба шумор мерафт ва дар асл моҳияти бархӯрд байни арзишҳои дунявӣ ва мазҳабиро инъикос менамуд. Ислом дар ҳама давру замон дар ҳаёти аҳолӣ ва кишвар нақши ҳалкунанда дошта буд.

Дар баробари ин дар китоб таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаи ташаккулёбии ҷараёни тундгароии мазҳабӣ равона гардида аст. Ба мавқеи тундгароии мазҳабӣ фурӯ рафтани наҳзати мухолифони исломӣ ҳанӯз аз миёнаҳои солҳои 1980-ум оғоз ёфта буд. Нишонаи асосии тундгароӣ инкор кардани низоми сиёсии шӯравӣ ва нақши анъанавии руҳониён дар ҷомеа буд. Тағйироти куллӣ дар мавзеъгирии роҳбарони наҳзати исломӣ баъд аз соли 1992 ба вуҷуд омад. Дар хоки Афғонистон пешвоёни Наҳзати исломии Тоҷикистон тадриҷан аз ақидаҳои тундгароёнаи худ даст кашиданд ва дар натиҷа заминаи мусоид барои расидан ба мусолиҳаи миллӣ фароҳам омад.

Муаллиф ба мавзӯи ширкати ҷомеаи байналмиллалӣ дар ҳалли низои мусаллаҳона дар Тоҷикистон дахл намуда қайд менамояд, ки дар ҳалли

низои мусаллаҳона нақши Нерӯҳои муштараки сулҳи ИДМ, ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, кишварҳои Россия, Эрон, Афғонистон, Узбекистон, Қирғизистон, Қазокистон ва Покистон калон аст. Дар охири **боби**VII муаллиф ба музокироти сулҳи байни тоҷикон ва нақши онҳо дар расидан ба созишномаи умумии истиқрори сулҳ ризоияти миллӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст.

Ҳамин тариқ метавон қайд намуд, ки китоби ҳуқуқшиноси намоён, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҷидзода Ҷурахон Зоир ба мавзӯи муҳими илмӣ – масъалаҳои ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷик бахшида шуда аст. Ин асар идомаи мантиқии силсилаи тадқиқотҳои илмии муаллиф оид ба таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо боварии комил метавон гуфт, ки муаллиф дар оянда низ ба таҳқиқи ин мавзӯи сарнавиштсози миллатамон идома хоҳад дод. Китоб барои донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо, ҳайати профессорону устодони мактабҳои олӣ, кормандони мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ ва ҳамаи шахсоне, ки ба масъалаҳои назария ва амалияи таърихи давлат ва ҳуқуқ, мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, сиёсатшиносии ҳуқуқӣ, низоъшиносии ҳуқуқӣ, мардумшиносии ҳуқуқӣ ва антропология хеле муфид аст.

Бо дарназардошти аҳамияти илмӣ ва сиёсии масъалаҳои дар китоб мавриди баррасӣ ва баҳси илмӣ қарор гирифта ва шиносоии бештари доираҳои васеи хонандагон зарурияти ба забони тоҷикӣ тарҷума ва ба нашр омода намудани ин асари муҳим ба маврид мебуд.



## РЕЦЕНЗИЯ

**на монографию «Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности (историко-правовой анализ). – СПб: «Реноме», 2014. – 287 с.» начальника Академии МВД Республики Таджикистан, доктора юридических наук, профессора, Заслуженного деятеля Республики Таджикистан, действительного члена Всемирной Академии наук комплексной безопасности, генерал-майора милиции Зоирова Джурахона Маджидовича (Маджидзода Дж.З.)**

**Сайидзода Зафари Шерали**
**(Саидов Зафар Шералиевич)***

Монография Зоирова Дж.М. «Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности» посвящена одной из актуальнейших и недостаточно исследованных тем исторических, политических и юридических наук.

Автор впервые - на системном уровне – исследует проблемы формирования этнической государственности таджикского народа в Средней Азии в контексте национальной и геополитики Российской империи.

Актуальность, оригинальность и позитивная амбициозность выбранной темы исследования изначально отразились в названии монографии, удачной попытке междисциплинарного исследования широкого круга вопросов, которые традиционно рассматривались в рамках ряда конкретных наук, - истории, политологии, социологии, социальной философии, философии права, теории государства и права, конституционного права. Такой подход, как верно отмечает автор монографии, не только оправдан, но и необходим, поскольку способствует осуществлению научного стремления «показать сложный и противоречивый путь формирования и территориального определения таджикской национальной государственности на огромном пространстве Российской империи, затем СССР, в настоящее время получившем название «постсоветское пространство». В этом русле автору монографического исследования удалось решить поставленную перед собой задачу более глубокого осмысления истории становления таджикской государственности, связанной с эпохой Саманидов, а также с первым периодом государственно-правововового строительства в СССР.

Монография внесла существенную новизну в научное исследование политических, социальных, региональных и правовых аспектов межтаджикского конфликта, процесса и результатов его мирного урегулирования. Представляют большой интерес авторские оценки основных содержательных характеристик Конституции Республики Таджикистан от 1994 года с позиции исторической науки, политологии и конституционного права.

Представляется, что в этом контексте монография Зоирова Дж.М. в ее обновленном варианте окажется весьма востребованным, уникальным материалом, обладающим огромной гносеологической ценностью для государственных и научно-преподавательских кругов, политической, военной и бизнес-элиты современного Таджикистана и других стран региона.

Следует отметить, что данная монографическая работа написана на основе обширного и добротного научного материала и большого количества источников, что позволило её автору всесторонне проанализировать и

*Сайидзода Зафари Шерали (Саидов Зафар Шералиевич) – кандидат философских наук, старший советник аппарата Помощника Президента Республики Таджикистан по вопросам зарубежных связей.

рассмотреть поставленные в исследовании вопросы и решить их на должном научном уровне.

Хусусан миллати тоҷик аз замонҳои қадим то ҳол оид ба зуҳуроти оиладорӣ, пойдории он, дастгирии ҳамдигарии аъзоёни оила ҳангоми дармондагӣ, эҳтиёҷманд будан, ва пайдо гаштани мушкилӣ диққати хосса медоданд. Падару модар, фарзандон, бародарону хоҳарон ва дигар аъзоёни оила ҳамдигарро дар ҳама ҳолатҳои зиндагӣ, хусусан дар ҳолатҳои душворӣ аз ҷиҳати моддӣ таъмин намуда, барои дастгирии ҳамдигарӣ, ҳатто ҷони худро дареғ намедонанд. Аммо дар радифи чунин аъзоёни оилаи иттифоқу меҳрубон, боз аъзоёни оилае ҳастанд, ки бо ҳамдигар муносибати хуб надошта, аз таъминоти ҳамдигар бадқасдона саркашӣ менамоянд.

Аз мушоҳидаҳои ҳаётӣ маълум мегардад, ки имрӯзҳо баъзан падару модар, фарзандон, бародару хоҳар ва дигар аъзоёни оилаҳое ҳастанд, ки имкони моддии таъмини ҳамдигарро доранд, аммо ин вазифаи худро ба таври бояду шояд иҷро намекунанд. Бародару хоҳар, падару модар, фарзанд ва дигар аъзоёни оиларо дар хонаҳои бепарасторон, пиронсолон муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои дигари ба ин монанд месупоранд. Бо ҳамин васила худро аз уҳдадории таъмин ва нигоҳубини онҳо озод менамоянд.

Аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани фарзанд, падару модар, ҳамсар, ҳамсари собиқ ва дигар аъзои оила, яке аз унсурҳои муҳими оила ва зуҳуроти оиладорӣ ба ҳисоб рафта, рисолати асосии падару модар фарзанд, ҳамсар ва аъзои дигари оила дар иҷрои ин вазифа ифода мегардад. Шахсони мазкур тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми душвории зиндагӣ, яъне дар мавриде, ки аъзоёни оила бо сабаби ноболиғу ғайриқобили амал будан, пиронсолу ғайри қобили меҳнат шудан, беморӣ ва дигар ҳолатҳои оҷизӣ наметавонанд худро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд, ба ҳамдигаркӯмак расонанд.

Боиси қайд аст, ки дар ҳолатҳои зикршуда (пиронсолӣ, ғайри қобили амалу меҳнат будан, беморӣ, эҳтиёҷмандии ва ғ.) нигоҳубин ва таъминоти ҳамдигарии аъзоёни оила натанҳо дар асоси муқарраароти қонунгузории амалкунанда ба зиммаи аъзоёни оила вогузор шудааст, балки анъанаҳои фарҳанги миллӣ низ инро тақозо мекунад. Агар ба таври дигар гӯем чунин муносибат вазифаи қонунӣ ва ҳам фарзи имониву инсонии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоикистон мебошад.

Рисолати зикршуда (аз ҷиҳати модди таъмин ва ғамхорӣ нисбати ҳамдигарии аъзоёни оила) аз давраҳои қадим буд ва дар давраи пайдоиши дину мубини «Ислом» дар китоби осмонии Қуръони Карим ба тафсил ва пайдарҳами бо мазмуни зайл таҷассум гардид: «Аз ту суол мекунанд: «Чӣ харҷ кунанд?» Бигӯ: «Он чӣ аз мол харҷ мекунед, пас, бояд барои падару модар ва хешовандон ва ятимон ва дарвешон бошад»[1]. Бо тартиби пайдарҳамӣ аввал падару модар, хешовандон, ятимон ва дарвешон омадааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мо бояд дар навбати аввал падару модар ва аъзои оилаи худро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоем. Сипас, кумаки худро ба ятимону дарвешон расонем. Аз муқаррароти зикршудаи Қуръони Карим вобаста ба мавзӯи матраҳ маълум мегардад, ки мақоли халқии «Аввал хешу ба дарвеш» низ аз манфиат холи нест.

Зимнан Нӯъмон ибни Собит Абӯҳанифа (Имоми Аъзам) ба шогирдаш Холид ибни Самтии Басирӣ васият кардааст: «Саховат кун ва суфраатро кушода бидор, ки бахил ҳаргиз лоиқи сиёдату (бузургӣ, сарварӣ) роҳбарӣ нест»[2]. Дар гуфтаи мазкур хайру саховат ва кушода доштани дастархон ба сифати нишонаи бузургию сарварӣ инъикос гардидааст. Ё ин ки дар сарчашмаи дигари фарҳангӣ додани закот ба фақир, мискин ва дигар табақаи эҳтиёҷманд таъкид шуда, барои ба сарватманд, фарзанди ӯ ва низ ба зердастони сарватманд додани он манъ карда

---

[1] Қуръони Карим (бо тарҷума ба забони тоҷикӣ) Сураи 2 (Бақара 215). С. 64.

[2] Ниг.: Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам. Душанбе: ҶДММ "Сафват", 2008.

шудааст[1]. Дар радифи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъминоти аъзоёни оила арзишҳои фарҳангии зикршуда, аз ҷумла фармудаҳои Худо моро вазифадор месозанд, ки барои кумак бабародару хоҳар, ҳамсар ва дигар аъзоёни оила, дар ҳолати доштани имкон ятимону мискинон кӯшиш ба харҷ диҳем.

Мавриди ёдоварӣ аст, ки манзури мо аз иншои муқаррароти шариат оид ба мавзӯи баррасишаванда аз он иборат аст, ки вазифаи аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани падару модар, фарзанд ва аъзои дигари оила, натанҳо дар асоси Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба зимаи падару модар ва фарзандон вогузор шудааст, балки ин вазифаи имонию мусулмонии мо мебошад. Агар бо истифодаи усулӣ муқоисавӣ ва назари таҳлилӣ ба қонунгузории шариат ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон диққат диҳеммаълум мегардад, ки ҳарду низоми ҳуқуқ вобаста ба мавзӯи матраҳ, муқаррароти аз ҷиҳати мазмун якхела доранд. Бо назардошти чунин шабоҳат мо такмили қонунгузории ҷиноятиро дар иртибот ба саркашии бадқасдонаи ҳамсар, ҳамсари собиқ ва аъзои дигари оила мувофиқи мақсад мешуморем.

Объекти таҳлилу баррасии мақолаи мазкур низ маҳз ҳамин мавзуъро дар бар мегирад, яъне дар шароити кунунӣ мавзӯи таъминоти ҳамдигарии аъзоёни оила дар кадом сатҳ қарор дорад. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то кадом андоза метавонад барои пойдории оила ва кумаку дастгирии ҳамдигарии аъзоёни он мусоидат намояд ва дар сатҳи қонунгузорӣ кадом мушкилиҳо оид ба масъала ҷой доранд.

Як нуктаи дигарро ёдовар шудан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи муқаррароти Конститутсия давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як шахс фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро кафолат медиҳад[2]. Чихеле, ки сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд: «Яке аз ҳадафҳои асосии давлат дастгирии гурӯҳҳои осеб пазири ҷомеа, яъне онҳое, ки воқеан мӯҳтоҷи ёрӣ мебошанд, аз ҷумла собиқа дорони ҷангу меҳнат, ятимону маъюбон, пирони бесаробон ва оилаҳои камбизоат ба шумор меравад»[3]. Давлат ин вазифаи худ, яъне аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани чунин шахсон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиаҳои онҳоро иҷро карда истодааст. Дар маҷмуъ аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани онҳо ва ғамхори нисбаташон аз ҳисоби давлат ягон мушкилии ҷиддӣ надорад. Аммо онҳо эҳтиёҷ ба меҳру муҳаббати фарзанд, падару модар, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва дигар аъзоёни оила доранд. Интизоранд, ки кай падару модар, фарзанд, бародару хоҳар, ҳамсар онҳоро навозиш мекунанд. Хулоса барои чунин шахсон муҳаббату навозиши аъзоёни оила ва муҳити хушнудсозандаи инсон – оила намерасад.

Аз ин рӯ ҷиҳати ба таври императивиамалӣ сохтани иҷрои уҳдадории таъминоти падару модар, фарзанд, ҳамсар, ҳамсари собиқ ва аъзои дигари оила, пеш аз ҳама заминаи ҳуқуқии мукаммал лозим меояд. Ҷавобгарии аъзоёни оиларо барои саркашии бадқасдона аз таъминоти ҳамдигар такмил додан зарур мешуморем.

Боиси таъкид аст, ки бо назардошти муҳимияти масоили оиладорӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат, ва бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандони ноболиғ ва болиғи ғайри қобили меҳнат ҷавобгарии ҷинояти пешбинӣ шудааст[4].Тибқи диспозитсияи

[1] Ниг.: Абдушариф Бақозода. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. Душанбе, 2008. С. 393, 395.

[2] Ниг.: моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон матни расмӣ (бо тағйиру иловаҳои то соли 2003) // Ведомости Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1994. № 21. С. 430.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010.

[4] Ниг.: моддаҳои 177-178 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998. № 574

моддаҳои 177 ва 178 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) дар мавриде, ки падару модар ва фарзанд аз таъминоти ҳамдигар бадқасдона саркашӣ менамоянд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Аз ин ҷо савол ба миён меояд, ки агар ҳамсар, ҳамсари собиқ ва дигар аъзоёни оила, ки дар асоси ҳалномаи суд вазифадор шудаанд, алимент пардохт намоянд, ба таври ашаддӣ аз пардохти он саркаши намоянд кадом оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд? Онҳоро дар асоси моддаҳои 177ва 178 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст ё не? Ба андешаи мо не, чунки дар диспозитсияҳои моддаҳои мазкур саркашии бадқасдонаи ҳамсар, ҳамсари собиқ ва дигар аъзои оила ҳамчун ҷиноят пешбинӣ нашудааст.

Дар маҷмӯъ КҶ ҶТ барои ду ҳолат ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст: Яъне барои бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат ва бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон. Мақсади мо аз ёдоварии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашии бадқасдона аз таъминоти фарзанд ва падару модар аз он иборат аст, ки аз рӯи тартиби пешбиникардаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КО ҶТ) ҳамсар, ҳамсари собиқ ва аъзои дигари оиларо барои таъминоти ҳамдигар ҷалб кардан мумкин аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду боби алоҳида: боби 14 уҳдадориҳои алиментдиҳии зану шавҳар, зану шавҳари собиқ ва боби 15 уҳдадориҳои алиментдиҳии аъзои дигари оиларо пешбинӣ кардаанд. Аз рӯи муқаррароти институтҳои ҳуқуқии мазкур зану шавҳар, зану шавҳари собиқ ва аъзои дигари оила дар ҳолатҳои дахлдор барои аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардан ҳамдигар уҳдадор карда мешаванд. КО ҶТ ба аъзои дигари оила инҳоро дохил намудааст: бародарону хоҳарон оид ба таъминоти бародарону хоҳарони ноболиғ ва болиғи корношоями худ; бобою бибӣ (модаркалон) оид ба таъминоти наберахои худ; набера оид ба таъминоти бобою бибӣ (модаркалон); писарандар ва духтарандар оид ба таъминоти падарандар ва модарандар.

Масалан, тибқи моддаи 95 КО ҶТ бародарону хоҳарони ноболиғи муҳтоҷи ёрӣ дар сурати аз падару модари худ гирифта натавонистани таъминот ҳуқуқ доранд, ба тартиби судӣ аз бародарону хоҳарони болиғи қобили меҳнати худ, ки маблағи заруриро доранд, алимент гиранд. Чунин ҳуқуқ инчунин ба бародарону хоҳарони корношоями болиғи муҳтоҷе дода мешавад, ки агар онҳо аз фарзандони болиғи худ зан ё шавҳар (зан ё шавҳари собиқ) ё падару модарашон таъминотпулӣ гирифта натавонанд.

Зимнан мувофиқи моддаи 90 КО ҶТ зану шавҳар вазифадоранд якдигарро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намоянд. Дар сурати саркашӣ намудан аз чунин дастгирӣ ва набудани созишнома оид ба пардохти алимент дар байни зану шавҳар инҳо ҳуқуқ доранд аз ҳамсари худ, ки барои ин мақсад маблағи зарурӣ дорад, ба тартиби судӣ пардохти алиментро талаб кунанд.

Агар дар иртибот ба ҳолатҳои тамсилӣ бо назари таҳлилӣ ба қонунгузории оилавӣ ва ҷиноятӣ назар афканем маълум мегардад, ки қонунгузории оилавӣ ҳолатҳоро ба таври мушаххас оид ба ситонидани алимент аз ҳисоби ҳамсар, ҳамсари собиқ ва дигар аъзои оила муқаррар намудааст. Аммо дар ҳолате, ки ҳамсар, ҳамсари собиқ ва аъзои дигари оила бадқасдона аз иҷрои уҳдадории ба зиммааш гузошта оид ба таъминоти ҳамсар, ҳамсари собиқ ва дигар аъзои оила саркашӣ намояд, санади судиро оид ба пардохти алимент иҷро накунад, ӯро аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест. Чунки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саркашии бадқасдонаи ҳамсар, ҳамсари собиқ ва дигар аъзои оила аз таъминоти ҳамдигар ҷавобгарӣ муқаррар нашудааст.

Дар робита ба ҳамин масъала бо мақсади татбиқи муқаррароти

// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 9. Мод. 68.

қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 178[1] бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**Моддаи 178[1]. Бадқасдона саркашӣ намудани ҳамсар, ҳамсари собиқ ва аъзои дигари оила аз таъминоти ҳамдигар**

Бадқасдона, яъне бидуни сабабҳои узрнок бештар аз се моҳ саркашӣ намудани ҳамсар, ҳамсари собиқ ва аъзои дигари оила аз таъминоти ҳамдигар,

- бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду бист то яксаду ҳаштод соат ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Пешбинӣ кардани ҷавобгарии мазкур характерӣ абстрактиро доро буда, танҳо нисбати он ҳамсар, ҳамсари собиқ ва аъзои дигари оила татбиқ мегардад, ки аз иҷрои санади судӣ оид ба таъминоти фарзандонашон бадқасдона саркашӣ менамоянд. Зимнан масъулияти онҳоро бедор менамояд, онҳо кӯшиш менамоянд, ки ҳамдигарро бо алимен таъмин намоянд, чунки дар ҳолати иҷро накардан, онҳоро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашанд. Ба ҳамин монанд бо мазмуни зайл латифае ҳаст: Журналист аз мурғпарвар мепурсад: - маҳсулоти парваридаатонро ҳамсояҳо намедузданд? – Не. – Пас чаро дар назди мурғхона яроқ истодааст? – Ана барои ҳамин намедузданд[1]. Мақсад аз он иборат аст, ки муқаррар кардани ҷавобгарӣ дар ҳолати зикршуда, нақши яроқи дар мурғхона истодаро мебозад.

## КРИМИНАЛИЗАЦИЯ ЗЛОСТНОГО УКЛОНЕНИЯ СУПРУГОВ, БЫВШИХ СУПРУГОВ И ДРУГИХ ЧЛЕНОВ СЕМЬИ ОТ ВЗАИМНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ

***Ключевые слова:*** криминализация, семья, других членов семьи, родителей, супругов, бывших супругов, злостное уклонение, алименты, уголовная ответственность.

В статье рассматриваются некоторые проблемы злостного уклонения супругов, бывших супругов и других членов семьи от содержания друг друга. Цель данной статьи заключается в совершенствовании защиты интересов супругов, бывших супругов и других членов семьи в случаях злостного уклонения от содержания друг друга, и вносятся конкретные предложения.

## CRIMINALIZATION MALICIOUS EVASION OF SPOUSES, FORMER SPOUSES AND OTHER FAMILY MEMBERS FROM MUTUAL SOFTWARE

***Keywords:*** criminalization, family, family members, parents, spouses, former spouses, malicious evasion, child support, criminal liability.

The article discusses some of the problems of malicious evasion of spouses, former spouses and other family members on the content of each other. The purpose of this article is to improve the protection of the interests of spouses, former spouses and other family members in cases of evasion of the contents of each other, and makes concrete proposals.

[1] Ҳафтаномаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии “Қонун ва ҷомеа”. № 27 (334) аз 10 июли соли 2014.

# НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ БАЪЗЕ ПРОБЛЕМАҲОИ ТАТБИҚИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНӢ





**Қурбонов А.А.,*[*]**
**Сайдуллозода М.Х.[**]**

Пеш аз он, ки оид ба ҷавобгарии гражданӣ маълумот диҳем, проблемаҳои татбиқи онро мавриди барраси қарор дода, барои тартиби дурусти татбиқи он таклифу пешниҳод изҳор намоем, мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро гуфтан лозим меояд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин як намуди масъулият аст, ки дар татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси гунаҳкор барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ифода меёбад.[1] Аз мафҳуми мазкур маълум мегардад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин як намуди чораи маҷбурсозии давлатӣ аст, ки дар ҳолати вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда татбиқ карда мешавад. Ин масъулият вобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будан ва соҳаҳои ҳуқуқӣ ба намудҳои гуногун тақсим мешаванд. Ба монанди: ҷавобгарии гражданӣ, ҷавобгари ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷавобгарии интизомӣ).

Яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии граждани̇̄мебошад, ки дар радифи дигар намудҳои ҷавобгарӣ (ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷавобгарии интизомӣ) дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ва мавриди баҳс қарордоштаи инсон ва шаҳрванд нақши муҳим дорад. Ҷойи баҳс нест, ки бе мавҷудияти ҷавобгарии гражданӣ барои содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқии гражданӣ танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ, рушди иқтисодиёт ва оромию осоиштагии ҷомеаро тасаввур кардан ғайри имкон мебошад.

Боиси қайд аст, ки аз рӯи муқаррароти Конститутсия (Сарқонун), Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ буда, ҳаёт, қадр, номус, ва дигар ҳуқуқи фитриро арзиши олӣ элон намуда, шаклҳои гуногуни моликият дахлнопазирӣ ва ҳифзи онҳоро кафолат медиҳад. Дар баробари ин давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарар, аз ҷумла товони зарари моддӣ ва маънавиро барои ҷабрдида дар сатҳи конститутсионӣ кафолат медиҳад[2]. Бо назардошти ҳамин омилҳо давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ,

---

[*]Қурбонов А.А. – омӯзгори калони кафедраи фанҳои гражданӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия.

[**]Сайдуллозода М.Х. – омӯзгори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД, лейтенанти калони милитсия.

[1] Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва итисод. / Исмоилов Ш.М. Сотиволдиев Р.Ш. Душанбе: Деваштич, 2008. 293 с.

[2] Ниг. ба моддаҳои 5, 19, 21, 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: матни расмӣ (бо тағйиру иловаҳои то соли 2003) // Ведемости Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1994. № 21. С. 430.

таъмини амнияти шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва манфиатҳои давлат аз кирдорҳои зиддиҳуқуқии гражданӣ, ҷавобгарии гражданӣ муайян намудааст.

Ҷавобгарии гражданӣ дар натиҷаи расонидани зарари моддӣ ва маънавӣ ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ (деликтӣ), инчунин дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд. Ҷавобгарии мазкур танҳо дар ҳолати пешниҳоди даъвои гражданӣ аз ҷониби даъвогар ва дигар шахсоне, ки ҳуқуқи пешниҳоди даъвои гражданиро доранд нисбати ҷавобгар татбиқ карда мешавад.

Чихеле, ки дар боло зикр гардид зарари моддӣ ва маънавӣ дар ҳолатҳои гуногун расонида шуда сабаби ба вуҷуд омадани ҷавобгарии гражданӣ мегарданд. Аммо дар мақолаи мазкур масоили татбиқи ҷавобгарии гражданӣ, ки ҳангоми расонидани зарари моддӣ, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат расонида шудааст мавриди муҳокима ва таҳлили илмию амалӣ қарор мегирад.

Назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи содиршавии кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок (ҷиноят) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷабрдида зарари гуногун расонида мешавад. Яке аз чунин зарарҳо зарари моддӣ ва маънавӣ мебошанд, ки аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст аз ҳисоби зараррасон ба манфиати ҷабрдида ҷуброн карда шавад.

Бояд хотиррасон намуд, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми даъвогари гражданӣ дар шакли зерин таҷассум ёфтааст: «даъвогари гражданӣ шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари моддӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он даъво пешниҳод кардааст. Даъвогари гражданӣ оид ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ низ метавонад даъвои гражданӣ пешниҳод намояд»[1]. Инчунин як институти алоҳида дар Кодекси мазкур ба «даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ» бахшида шудааст, ки масоили пешниҳоди даъвои гражданӣ, эътироф намудани даъвогари гражданӣ, рад кардани эътирофи даъвогари гражданӣ, ҷалб намудан ба сифати ҷавобгари гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ, татбиқи қоидаҳо дар бораи асосҳо, шартҳо, ҳаҷм ва тарзи рӯёнидани зарар, даст кашидан аз даъвои гражданӣ, қарор оид ба даъвои гражданӣ, таъмини иҷрои ҳукм дар қисми даъвои гражданӣ ва иҷрои ҳукм ва таъиноти суд дар қисми даъвои гражданиро танзим намудааст (боби 15 КМГ).

Агар бо назари таҳлилӣ ба мазмуни меъёрҳои институти мазкур назар афканем маълум мегардад, ки судя ва суд, бо назардошти ҳолатҳои парванда масъалаи бе баррасӣ мондан ва рад намудани даъвои гражданӣ, инчунин қонеъ ё қисман қонеъ кардани онро ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ ҳал менамоянд.

Дар сурати пурра ё қисман қонеъ намудани даъвои гражданӣ, ки аз парвандаи ҷинояти бармеояд иҷроиши он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ[2] ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»[3] ҳавола карда мешавад, яъне иҷроиши ҳукм дар қисми даъвои гражданӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни мазкур таъмин мегардад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки на дар ҳама мавридҳо иҷроиши ҳуҷҷатҳои иҷро, ки ба иҷрочиёни суд пешниҳод мегарданд, аз ҷумла ҳукм дар қисмати даъвои гражданӣ ба таври муносиб ва дар муҳлатҳои қобили қабул иҷро мегарданд. Яъне агар ба тарзи дигар гӯем дар қонун роҳи халосӣ ҳаст, ки қарздор дар истеҳсолоти иҷро бо ҳар гуна баҳонаҳои беасос ва

[1] Моддаи 44 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009. № 341 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. № 1. Қ. 1. Мод. 6, 7.

[2] Моддаи 135 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009. № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. № 12. Мод. 815.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 20-уми марти соли 2008. № 373 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. № 3. Мод.192.

ғайриобъективӣ метавонад зарари моддӣ ва маънавии дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонидаашро ҷуброн накунад.

Дар чунин маврид ҳуҷҷати иҷро тибқи тартиби муқаррар намудаи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» то пайдо шудани имконияти моддӣ, ки пайдо шудан ё нашудан аз иродаи қарздор вобастагӣ дорад, баргардонида мешавад. Бо ҳамин тартиб қарздоре, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба ҷабрдида зарари моддӣ ё маънавӣ расонидааст метавонад онро ҷуброн накунад.

Боиси қайд аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» чораҳои иҷрои маҷбуриро дар истеҳсолоти иҷро оид ба талаботи пулӣ бо тартиби зерин муқаррар намудаст:

- нигаронидани ситониш ба молу мулки манқули қарздор;
- нигаронидани ситониш ба молу мулки ғайриманқули қарздор;
- нигаронидани ситониш ба ҳуқуқи талабот ва дигар ҳуқуқҳои бегонашавандаи молу мулкии қарздор.

Аммо агар бо назари таҳлилӣ ва таҷрибаи истеҳсолоти иҷро назар афканем, маълум мегардад, ки чораҳои иҷрои маҷбурии мазкур барои товон намудани зарари моддӣ ва маънавӣ, инчунин татбиқи ҷавобгарии граждавӣ, ки аз парвандаҳои ҷиноятӣ бармеоянд, нокифоя мебошанд. Қарздорро водор намудан барои товони зарари моддӣ, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонидааст бо чораҳои иҷрои маҷбурӣ, ки дар истеҳсолоти иҷро оид ба талаботи пулӣ қонунгузорӣ муқаррар намудааст дар мавриде, ки худаш ихтиёран ҷавобгарии ба зиммааш гузоштаро иҷро намекунад ғайри имкон мебошад. Масалан, мумкин аст: қарздор молу мулки манқуле, ки арзиши калон доранд ва аз онҳо рӯёниш имконият дорад, харидорӣ намекунад, молу мулки ғайриманқулашро бо номи дигар шахсон ба расмият дароварда, бо дигар роҳу воситаҳои ғайриобъективӣ метавонад зарари молумулкӣ ва маънавиро, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонидааст, ҷуброн накунад.

Бо истифодаи методи муқоисавӣ дар робита ба ҳамин масъала агар ба тартиби иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷинояти назар кунем чунин ба назар мерасад, ки тартиби иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (дар мисоли ҷарима) хеле дуруст ва ба таври императивӣ ба роҳ монда шудааст, ки маҳкумшуда ягон имконияти иҷро накардани онро бо сабабҳои объективию субъективӣ надорад. Масалан, санксияи қисми 1 моддаи 118 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) ду намуди ҷазоро – ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол дар шакли алтернативӣ муқаррар намудааст, ки суд метавонад ҳангоми таъини ҷазо яке аз онҳоро интихоб намояд. Дар ҳолате, ки суд нисбати ҷинояткор ҷарима таъин намояд, аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷинояткор барои пардохти ҷарима сӣ рӯз муҳлат муқаррар шудааст. Дар сурати аз ҷониби маҳкумшуда сари вақт напардохтани ҷарима, иҷрои ин ҷазо ба тарзи маҷбурӣ, аз ҷумла бо роҳи ситонидани молу мулки маҳкумшуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Дар ҳолате, ки маҳкумшуда аз пардохти ҷарима ба таври ашаддӣ саркашӣ менамояд, ё супоридани ҷарима барои ӯ имконнопазир аст, иҷрочии суд оид ба иваз намудани ҷарима ба дигар намуди ҷазо ба суд пешниҳод ирсол менамояд[1], ки суд пас аз муайян намудани ҳолати кор ҷаримаро ба дигар намуди ҷазо (корҳои ислоҳӣ, ҳатмӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ва ғ.) иваз менамояд. Аз гуфтаҳои мазкур маълум мегардад, ки иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ (сарфи назар аз намуди ҷазо) ба таври императивӣ ба роҳ монда шуда, ягон имкони иҷро

[1] Ниг.: муфассал, моддаҳои 30, 31 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001. № 32 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001. № 7. Мод.505 ва моддаи 49 Кодекси ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998. № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 9. Мод. 68.

накардани он барои маҳкумшуда мавҷуд нест.

Аммо тартиби татбиқи ҷавобгарии гражданӣ (моддӣ ва маънавӣ), ки аз парвандаҳои ҷиноятӣ бармеояд мумкин аст, ки мушкили ба миён оварада манфиатҳои ҷабрдида, ки асосан дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ дидааст ҷуброн карда нашаванд, ки чунин тартиб ба андешаи мо ба нигилизми ҳуқуқӣ оварда мерасонад.

Агар дар иртибот ба ҳамин масъала, яъне товони зарари моддӣ ва маънавӣ ва ҳифзи манфиати ҷабрдида, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят зарар дидааст ба низоми ҳуқуқии мусулмонӣ (шариат) назар кунем дар сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии мазкур бо тартиби зайл инъикос гардидааст. Афиф Абдулфаттоҳ Таббора дар асари хеш «Рӯҳи ислом» бо такя ба далелҳои шаръӣ навиштааст, ки «Ҳукумати исломӣ ва қозӣ ҳақ надоранд мустақиман ва бидуни ризоияти соҳибони мақтул қотилро мавриди авф қарор диҳанд. Боз ҳақ надоранд вақте соҳибони хун бихоҳанд қотилро авф кунанд аз авфи эшон мамониат кунанд, магар ҳангоме, ки озодии қотил боиси ихлол дар амнияти ҷомеа шавад, ки дар ин шароит ҳокиму қозӣ метавонанд тибқи ташхиси худ ӯро адаб ва танбеҳ кунанд, то аз корҳои бад боз гардад...». Ё ин ки дар масъалаи муҷозоти нақси узв таъкид шудааст, ки «ҳар гоҳ касе, ки узвашро аз даст додааст, аз тақозои қасос сарфи назар кунад, ҳақ дорад хунбаҳои он узвро аз ҷинояткор мутолиба кунад.[1] Боиси қайд аст, ки чунин тартиб натанҳо дар шариати Ислом, инчунин дар китоби осмонии Таврот, низ бо мазмуни зерин таъкид шудааст «инсон дар баробари қатли инсон кушта мешавад, ва чашм дар баробари чашм кӯр мегардад, ва биннӣ ба сазои биннӣ қатъ мегардад ва гӯш дар баробари қатъи гӯш бурида мешавад, ва дандон дар баробари дандон шикаста мешавад ва захмҳо ва ҷароҳатҳо қасос доранд»[2].

Мақсади мисоли муқоисавӣ аз шариати Ислом ва Таврот овардан аз он иборат нест, ки инсон дар баробари қатли инсон кушта шавад, чашм дар баробари чашм кӯр карда шавад ва ғайра, балки манзури мо аз он иборат аст, ки дар гуфтаҳои мазкур мушоҳида мегардад, ки оид ба масъалаи ҳимояи манфиати ҷабрдида, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарар дидааст дар сарчашмаҳои Ислом диққати ҷиддӣ дода мешавад. Иродаи ҷабрдида ҳангоми таъини ҷазо ва татбиқи ҷавобгарӣ, инчунин товони зарари молумулкие, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба ӯ расонида шудааст, аҳамияти муҳим дорад.

Боиси ёдоварӣ аст, ки 21-уми июли соли 2010 дар заминаи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яккатор тағйиру иловаҳо дар робита ба ҳифзи манфиати ҷабрдида ва тадбиқи ҷавобгарии гражданӣ, ки аз парвандаҳои ҷиноятӣ бармеояд ворид карда шуда буд. Аз ҷумла сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун, рушди ҷомеа, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва раванди такмили қонунгузорӣ аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда буданд, ки таъини ҷарима вобаста ба ҷиноятҳои иқтисодӣ ҳангоми ихтиёран барқарор намудани зарари расонидашуда ба мақсад мувофиқ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки тағйиру иловаҳои воридгардида барои татбиқи ҷавобгарии гражданӣ, ки аз парвандаҳои ҷиноятӣ бармеояд ва товони зарари молумулкӣ, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонида мешавад, айни замон мусоидат менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, яъне таъмини кафолати конститутсионӣ (Моддаи 21 ва 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, ки яке аз вазифаҳои асосии давлат

---

[1] Афиф Абдулфаттоҳ Таббора Рӯҳи ислом. Душанбе: «ЭР-граф», 2011. С. 429.

[2] Афиф Абдулфаттоҳ Таббора Рӯҳи ислом. Душанбе: «ЭР-граф», 2011. С. 431.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 15 апрели соли 2009.

мебошад, инчунин татбиқи ҷавобгарии граждании, хусусан ҷавобгарии граждание, ки аз парвандаҳои ҷинояти бармеоянд пешниҳод менамоем:

1. Ба андешаи мо мувофиқи мақсад мешуд, агар ба чораҳои иҷрои маҷбурӣ дар истеҳсолоти иҷро оид ба талаботи пулӣ, ки дар моддаи 16, қисми 1 банди а) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дарҷ гардидаанд сархати иловагӣ бо мазмуни зайл, «Ба кор ҷалб кардан» илова карда шавад.

Ба кор ҷалб намудан барои татбиқи ҷавобгарии гражданӣ, ки аз парвандаҳои ҷиноятӣ бармеояд дар мавриде, истифода шавад, ки агар қарздор молу мулки манқул, ғайримануле, ки аз он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ рӯёниш иҷозат дода мешавад надошта бошад. Ба таври ашаддӣ аз товони зарари моддӣ саркашӣ намуда, манбаҳои даромадашро пинҳон намояд ва бо дигар роҳу воситаҳо барои товони зарари дар натиҷаи содир кардани ҷиноятӣ расонидааш монеа эҷод намояд. Ба кор ҷалб намудан бо иродаи қарздор вобаста ба ихтисос ва маҳалли ҷойгиршавӣ ё интихобкардаи ӯ дар ҳамкорӣ бо мақомоти шуғли аҳолӣ татбиқ карда шавад. Ин намуди чораи иҷрои маҷбурӣ барои таъмини иҷрои ҷавобгарии гражданӣ, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд,танҳо нисбати нафароне татбиқ гардад, ки ҷойи кор надоранд ва бо оворагардӣ машғул буда, зарари моддии дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонидаашонро бо ҳаргуна баҳонаҳои ғайриобъективӣ ҷуброн намекунанд.

Қобили қайд аст, ки дар моддаи 223 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон[1] аз соли 1961 барои машғул шудан ба оворагардӣ ё гадоӣ ва ё ба сар бурданӣ дигар тарзи ҳаёти муфтхурона ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шуда буд, ки аз рӯи санксияи моддаи мазкур гунаҳкор ба муҳлати аз як то ду сол аз озодӣ маҳрум ё бо корҳои ислоҳкунӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешуд. Аммо айни замон аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдори мазкур бо назардошти ҳаққи конститутсионӣ ба меҳнат[2] ҷиноят эътироф намегардад.

Ҳангоми ба кор ҷалб намудан барои ҷуброни зарари моддие, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят маҳкумшуда ба ҷабрдида расонидааст, на ҳамаи музди маош, балки бист дар сади он барои товони зарари моддӣ ба манфиати ситонанда (ҷабрдида) рӯёнида шуда, қисми зиёди музди маош ба фоидаи қарздор истифода бурда шавад. Ба андешаи мо ба кор ҷалб намудан натанҳо барои таъмини иҷрои ҷавобгарии гражданӣ ва товони зарари молумулкие, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба ҷабрдида расонида шудааст, мусоидат мекунад, инчуни барои беҳтар намудани шароити зиндагии қарздор (шахсе, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят зарари молумулкӣ расонидааст) ва ҳифзи манфиатҳои ӯ аз бекорӣ ва оворагардӣ, ки ҷойи кори доимӣ ва дигар манбаи даромад барои пешбурди зиндагӣ надорад, кӯмак мерасонад.

Қарздор, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят зарари моддӣ расонидааст ва бо ҳамин асос барои товон намудани он ба кор ҷалб шудааст, метавонад дар мавриди идома додани товони зарари расонидааш, шартномаи меҳнатияшро бекор кунад ё ба кори дигари мувофиқи хоҳишаш гузарад. Ба кор ҷалб кардан, ба сифати чораи иҷрои маҷбурӣ ба таври истисноӣ дар мавриде, татбиқ шавад, ки агар бо тартиби дигар намудҳои чораҳои иҷрои маҷбурӣ тадбиқи ҷавобгарии гражданӣ ғайри имкон бошад.

2. Аз манфиат холи нест, агар дар моддаи 77 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ( Ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо) дар баробари ба назар гирифтани рафтори маҳкумшуда ҳангоми адои ҷазо, инчунин ҳолати ҷуброни зарари моддӣ ва маънавие, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба шаҳрвандон шахсони ҳуқуқӣ ва давлат

---

[1] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 1961. Бо указа Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 13-уми октябри соли 1961 вақти ба амал ҷорӣ кардани ҳамин Кодекси ҷиноятӣ аз 1-уми ноябр ба 1-уми декабри соли 1961 гузаронида шудааст.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: матни расмӣ (бо тағйиру иловаҳои то соли 2003) // Ведемости Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1994. № 21. С. 430.

расонидааст ҳамчун асос барои иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба дигар намуди ҷазои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда, пешбинӣ карда шавад.

Ҷойи баҳс нест, ки шаъну шараф ва эътибори касбии судяҳо, мақомоти судӣ, мақомотҳои давлатӣ ва дар маҷмӯъ давлат дар назди халқ аз сатҳи ҳимояи ҳуқуқу озоди ва манфиатҳои онҳо аз ҷумла ҳангоми татбиқи ҷавобгарии гражданӣ, таъмини иҷроиши санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигари давлатӣ вобастагии калон дорад. Шаҳрвандон дар симои мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳомии манфиатҳои қонунияшонро мебинанд. Аммо дар ҳолате, ки механизми ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҳангоми иҷроиши санадҳои судӣ, товони зарари моддӣ, ки аз парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ бармеояд нодуруст бароҳ монда мешавад, пас сабаби нобоварии омма нисбати шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ, мақомоти давлатӣ ва дар умум давлат мегардад.

Бояд зикр кард, ки дар доираи мақолаи илмӣ тамоми паҳлӯҳои тартиби татбиқи ҷавобгарии гражданиро, ки аз парвандаҳои ҷиноятӣ бармеояд таҳлили илмӣ гузаронидан ғайриимкон мебошад. Муфовиқи мақсад мешавад, агар ҳангоми тайёр намудани лоиҳаҳои Кодекси ҷиноятӣ ва граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳрири нав, ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Пайём ба Маҷлиси Олии[1] мамлакат таъкид шуда буд ва дар марҳилаи кокард қарор дорад, таклифу пешниҳодҳои зикршуда ба инобат гирифта шаванд. Ҳамзамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» бо назардошти таклифҳои манзургардида дар иртибот ба татбиқи ҷавобгарии гражданӣ такмил дода шавад.

**ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМ ПРИМЕНЕНИЯ ГРАЖДАНСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ**

***Ключевые слова:*** злостное уклонение, алимент, семья, других членов семьи, родителей, супругов, бывших супругов, уголовная ответственность.

В статье рассматривается некоторые проблемы осуществления гражданской ответственности, которые вытекают из уголовного дела. Цель данной статьи заключается в совершенствовании защиты интересов потерпевшего, которому в результате совершения приступления был нанесен материальный и моральной вред, и вносятся конкретные предложения.

**THEORY AND PRACTICE OF SOME PROBLEMS OF APPLICATION OF CIVIL LIABILITY**

***Keywords:*** Desertion, alimony, family, family members, parents, spouses, former spouses, criminal liability.

The article discusses some of the problems osushestvleniya civil liability that derive from a criminal case. The purpose of this article is to improve the protection of the interests of the victim, who as a result of pristupleniya has suffered material and moral damage, and making concrete proposals.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурият. Нашрияи расмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели 2013. № 59-60 (22 196-197).

# СУБЪЕКТЫ ГРАЖДАНСКОГО КОНТРОЛЯ В МЕХАНИЗМЕ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ С ИНСТИТУТАМИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН



**Нажбуддинов М.А.***

Опыт современной социальной жизни свидетельствует, что цивилизованное гражданское общество слабо защищено от преступности. Практика развитых стран показывает, что насколько созданы благоприятная условия настолько развито институты гражданских обществ. Эти условия гражданское общество в Республике Таджикистан стремится создавать, в первую очередь, через государственные механизмы – формированием необходимых условий, соблюдением государством общепринятых норм и процедур. Вместе с тем, подобные условия могут создаваться и вопреки государству – формированием в рамках конституции противовеса государству в виде институтов гражданского общества (политические партии, общественные организации и движение, профсоюзы и т.п).

На сегодняшний день роль государства в Таджикистане обладает абсолютной ценностью, поэтому государства стремясь к саморазвитию и самодостаточность, опираясь на внутренние ресурсы, свидетельствует о недостаточном связи и ослабление государство к обществу, что привели не только к рост гражданской свободы, но и к отдаленности гражданского общества от государства. Слабость гражданского общества не дает возможности создать эффективную систему социально-правового контроля, обуславливает отсутствие механизмов и технологий выявления и использования в государственном управлении информации о состоянии и интересах различных социальных групп и общества в целом. Во многом повлияли на распространение правового нигилизма, неверия в право, снижение уровня поддержки государства населением, утраты доверия к государственным органам[1].

В связи с этим ограничивает возможности самовыражения и самодеятельности институты гражданских обществ, поэтому здесь необходимо четкий механизм, контролирующие деятельности государственных органов со стороны институтов гражданского общества. Реального обеспечения конституционных прав и свобод граждан, эффективной защиты от преступных посягательств на жизнь, здоровье, имущественные интересы личности, общества, государства[2].

*Нажбуддинов М.А. – адъюнкт кафедры теории и социологии управления органами внутренних дел Академии управления МВД России, капитан милиции.

[1] Коробов В.Б. Социальные технологии и государственное управление. М., 2001. С. 177, 180.

[2] Майдыков А.Ф. Введение // Гражданский контроль за органами внутренних дел: проблемы теории, методологии, практики. М.: Академия управления МВД России, 2004. С. 7.

Гражданский контроль вовсе не означает, что его могут осуществлять, кому захотелось. На законодательном уровне должен быть определен круг лиц, уполномоченных от имени институтов гражданского общества осуществлять этот вид деятельности.

Значительную роль в функционировании гражданского контроля играют политические партии[1], в которые объединяется наиболее активная часть гражданского общества. Политические партии, особенно если они одержали успех на парламентских выборах, участвует в разработке политического курса страны и его осуществлении, оказывает влияние на выдвижение лидеров государства и формирование состава правительственных учреждений. Партии являются основными поставщиками кадров гражданского общества для законодательных, исполнительных и судебных органов.

Средства массовой информации в Таджикистане является независимым и самостоятельным субъектом гражданского контроля.

*Общественные организации и движения* также являются важнейшими субъектами гражданского контроля. Они действуют в соответствии с закрепленными в уставах целями и задачами, в рамках государственных законов Конституции Республики Таджикистан их решения не имеют обязующей силы для государственных органов и органов местного самоуправления. Они выражают не общие, а групповые интересы населения и объединяют не все, а отдельные его категории. Общественные организации участвуют в осуществлении власти, а не властвуют непосредственно как государственные институты.

Основными принципами деятельности общественных организаций является добровольность, сочетание личных и общественных интересов, самоуправление, равноправие участников, законность и гласность. Общественные организации – это самодеятельные образования, не подчиняющиеся внешним указаниям (кроме законов государства) и руководствующихся в своей работе совместно разработанными их членами особыми нормативными документами – уставами. Они имеют устойчивую внутреннюю структуру, зафиксированную в определенных органах.

К субъектам гражданского контроля можно, видимо, отнести и институт *омбудсменов* – специальных должностных лиц, уполномоченных наблюдать за законностью и соблюдением прав и свобод человека в деятельности государственных органов, а в некоторых странах – также за частными лицами и объединениями. В отличие от прокуратуры омбудсмены осуществляют контроль и ведут расследование с точки зрения не только законности, но и эффективности, целесообразности, добросовестности, справедливости. Проверяя действия должностных лиц государственного аппарата, омбудсмены не могут вторгаться в их компетенцию, не вправе отменять их решения, т.к. фактически обладают по отношению к ним ограниченными контрольными полномочиями. Обнаружив нарушение в деятельности какого-либо государственного органа или злоупотребление каким-либо должностным лицом, омбудсмен делает указание им об этом, предлагая принять меры к устранению выявленных нарушений. В случае отказа он обращается с жалобой в органы правосудия, в парламент или к главе государства.

К субъектам гражданского контроля следует отнести *и трудовые коллективы*. Деятельность любого трудового коллектива не может не находить конкретного выражения в его стремлении к участию в решении вопросов общественной и государственной жизни. Конечно, трудовым коллективам свойственен ряд разнообразных функций, главной из

---

[1] Закон Республики Таджикистан «О политических партиях» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 1998. № 22. Ст. 300.

которых является производственная функция. Именно решение хозяйственно-профессиональных задач обеспечивает создание материальных и духовных благ, предоставление населению необходимых услуг. Что же касается гражданско-контрольной функции трудового, коллектива, то она вызревает по мере осознания того, решение производственных задач во многом зависит от эффективности деятельности государственных организаций, создающих или не создающих для этого нормальных условий. Жизнь трудового коллектива, его микроклимат не просто отражают настрой общества, конкретную ситуацию в стране и тенденции ее изменения, но и способствуют включению трудовых коллективов в общественно-политическую жизнь, в том числе и в сфере осуществления гражданско-контрольных функций.

Пока Таджикистан находится лишь в начале пути в строительстве подлинного демократического государства и гражданского общества. Для результативного формирование гражданского общества необходимо признавать и реализовывать основные демократические принципы т.е. народ является основным источником (через институты гражданского общества) как основ развития страны. Гражданское же общество видит в правоохранительных органах, в первую очередь, инструмент защиты своих законных интересов, а следовательно, предъявляет к ним все более высокие требования, стремится к формированию системы гражданского контроля за правоохранительной деятельностью через правозащитные организации, общественные объединения, средства массовой информации и др. С точки зрения гражданских организаций правоохранительная система все больше должна воплощать в себе черты не карательной, а социализированной по характеру модели, основанной на использовании принуждения лишь как крайнего средства по эффективному обслуживанию населения в правоохранительной сфере[1].

По нашему мнению, *гражданский контроль* представляет собой один из способов саморегуляции общества, обеспечивающий упорядочивающее взаимодействие элементов самого гражданского общества, а также его взаимодействие с государственными органами посредством нормативного регулирования. Соответственно гражданский контроль включает в себя совокупность норми традиций, обладающих по отношению к субъектам самого гражданского общества и органам государства принудительной силой, а также санкций, применяемых в целях осуществления этих норм и традиций.

С этой точки зрения, подчеркнем еще раз, гражданский контроль превращается в продуктивный инструмент, как социализации субъектов самого гражданского общества, так и удержания государственных институтов в правовых рамках.

Именно поэтому, сегодня становится все более очевидной необходимость трансформации всей правоохранительной системы в Республике Таджикистан соответствующую международным стандартам. Органы внутренних дел должны научиться видеть в гражданах партнеров в процессах обеспечения правопорядка, а в дальнейшем развитии взаимодействия с населением – важнейший источник его укрепления. С этих позиций постепенное формирование системы гражданского контроля в стране – процесс объективный, обусловленный зрелостью самих институтов гражданского общества.

В Стратегии реформы милиции Таджикистана на 2013 – 2020 годы отмечается, что с целью достижения ожиданий общества, служба милиции

[1] Сердобинцев К.С. Взаимодействие органов внутренних дел с институтами гражданского общества: исторический и социально-философский аспекты: монография. М.: Академия управления МВД России, 2013. С. 153.

должна активно общаться с обществом для выявления его мнения. Милиция должна охранять общественный порядок таким образом, как желает того само охраняемое общество[1].

Именно общественное сознание, групповое (коллективное) мнение, оказывая давление на жизненное самоопределение субъектов гражданского общества и государства, их ориентации и ценностные установки, обусловливает в значительной мере направленность и содержание позитивных или негативных санкций, применяемых обществом и государством по отношению к индивидам, допустившим то или иное отклонение от действующих норм. Поэтому *общественное сознание и мнение* составляют в своей совокупности важнейший компонент гражданского контроля. Именно поэтому, сегодня приобретает столь большое значение проблема изучения, выявления и объективации общественного мнения, представляющего собой массовые оценки населения (групп) относительно тех или иных проблем.

При этом на наш взгляд, гражданский контроль, при безусловном признании его необходимости в современном обществе и государстве, должен быть фактическим, обоснованным, правомерным, положительным и результативным.

Фактическая обоснованность гражданского контроля означает, что для его осуществления должны иметься необходимости основания на злоупотреблениях сотрудников органов внутренних дел.

Правомерность гражданского контроля – на республиканской уровни принят закон, четко определяющий субъектов гражданского контроля и формы и методы названного контроля.

Положительность и результативность гражданского контроля заключается на эффективную защиту прав и интересов, как отдельных граждан, так и общества.

Таким образом, осуществление гражданского контроля за деятельностью органов внутренних дел и других правоохранительных органов возможно и необходимо при соблюдении перечисленных условий.

Вместе с тем, в развитых странах гражданский контроль осуществляется и в строго организованных, законодательно закрепленных формах, к которым могут относиться различные общественные советы и палаты, независимые экспертные институты и фонды, выполняющие консультативные, экспертные, надзорные, информационные и иные функции. Причем роль такого рода структур постоянно возрастает. Посредством этих организаций создается система участия индивидов в общественно-политической жизни, а спонтанные, стихийные, неорганизованные формы гражданских действий становятся узаконенными институциональными формами участия. Посредством этого осуществляется канализация общественных инициатив в государственно-управленческие структуры, создаются разнообразные центры власти – самоуправления на всех уровнях общественной жизни. Именно они призваны как, контролировать, так и ограничивать всевластие государственного аппарата.

Гражданский контроль в отношении любой сферы деятельности (причём не только государственной – общество потребителей тому пример), затрагивающей интересы общества, должен опираться на квалифицированность того индивидуального или коллективного мнения, которое лежит в основе выработки позиции и непосредственных действий соответствующей общественной структуры (организации, движения), или представительной структуры власти (выбранное населением региона законодательное собрание). Упомянутое выше долженствование квалификации, компетентности носит чаще моральный характер (желательно, но не больше) и

[1] Стратегия реформы милиции на 2013-2020 годы // МВД Республики Таджикистан [Электронный ресурс] :URL: http://www.mvd.tj. (дата обращения: 04 января 2014 г.).

гораздо реже – вытекает из установленных юридических норм (обычно – это требования к виду и уровню образования представителя общественности в гражданском контроле)[1].

Современному Таджикистану нужно сильное государство. Гражданский контроль должен быть направлен и на совершенствование закона[2], Качественный контроль за деятельностью милиции требует не просто широких и глубоких юридических знаний, что у значительной части представителей общественных организаций просто отсутствует, но и специфики проведения тех или иных оперативно-разыскных, следственных или административно-правовых действий. Учет всех этих особенностей в предметной деятельности милиции подводит нас к вопросу о том, кто может осуществить качественное контроля за их деятельностью.

В заключение следует отметить, что формирование системы гражданского контроля – сложная теоретическая и практическая проблема и методов продуктивного гражданского контроля за деятельностью органов внутренних дел, основанного на принципах взаимной ответственности, доверия и сотрудничества.

Поэтому, если рассмотреть проблему гражданского контроля в механизме взаимодействия органов внутренних дел с институтами гражданского общества в Республике Таджикистан, то необходимо опять же в законодательном порядке проработать вопрос о санкциях и ответственности виновных в нарушении закона, что до сегодняшнего дня в законодательстве Республики Таджикистан отсутствует.

[1] Ребрий В.А. Учет общественного мнения о деятельности милиции как особая форма гражданского контроля // Гражданский контроль за органами внутренних дел: проблемы теории, методологии, практики. Академия управления МВД России, 2004. С. 137.

[2] Лучкин С.В. Гражданский контроль за социальной реабилитацией сотрудников ОВД, проходивших службу в экстремальных условиях // Гражданский контроль за органами внутренних дел: проблемы теории, методологии, практики. Академия управления МВД России, 2004. С. 160.

## СУБЪЕКТҲОИ НАЗОРАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ ҲАМОҲАНГИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ БО ИНСТИТУТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** назорати шаҳрвандӣ, механизм, ҳамоҳанги, ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, институтҳо.

Дар мақола механизми амалигардонии назорати шаҳрванди дар ҳамоҳангии мақомоти корҳои дохили бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст.

## SUBJECTS CIVILIAN CONTROL MECHANISM OF THE INTERACTION OF INTERNAL AFFAIRS BODIES WITH CIVIL SOCIETY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

